# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 4, октябр – декабр 2021**

Душанбе-2021

Исполнитель:

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

**Сармуҳаррир –** Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

**Лутфуллозода Ш.–** муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Исҳоқӣ А.Н. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳмонзода С.С. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ

**Қодирзода Т.Қ. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Ш.Ш. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азиззода З.Н. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муродзода Б.Р. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳакимзода С.А. –** котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Вазирзода Г.Н. –** судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## МУНДАРИҶА

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ**.....................................................................5

**Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.......................................................52

**Холова Б.М.**
**Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди принсипи мустақилияти ҳокимияти судӣ**.........................................................................103

**Рушанзода С.**
**Эътибори ҳуқуқӣ ва аҳамияти таърихии Иҷлосияи тақдирсоз**......................................108

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»**

**21 декабри соли 2021 шаҳри Душанбе**

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Ҳамватанони азиз!

Баъди чанд рӯзи дигар соли 2021, ки барои мардуми шарифи Тоҷикистон яке аз солҳои воқеан таърихӣ ва фаромӯшнашаванда – сисолагии истиқлолияту озодии Ватани маҳбубамон мебошад, сипарӣ мешавад ва кишвари азизи мо ба марҳалаи нави рушду тараққиёти худ ворид мегардад.

Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои мардуми сарбаланди мо давраи саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои созанда ба хотири ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон, пешрафти давлат ва ободии Ватан ба ҳисоб меравад.

Мову шумо хуб дар ёд дорем, ки даҳ соли аввали истиқлолият барои мардуми Тоҷикистон марҳалаи озмоиши бисёр сахту сангини таърихӣ буд.

Аз ин лиҳоз, хотирнишон месозам, ки ин рӯзҳои орому осуда ба мардуми мо ба осонӣ муяссар нашудаанд.

Барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди

тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузарониданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо карданд.

Дар оғози солҳои навадуми асри гузашта – замоне, ки давлати соҳибистиқлоли мо аввалин қадамҳои худро мегузошт, Тоҷикистон бо фитнаву дасисаи нерӯҳои ифротгарои дохилӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо ба гирдоби мухолифати шадиди сиёсӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои зиёди ҷонӣ ва хисороти бузурги моддиву маънавӣ гардид.

Дар он айём, дар фурсати бисёр кӯтоҳ аркони давлатдорӣ ва сохтору мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида, дар кишвар беқонунӣ ва беҳокимиятӣ ҳукмфармо шуд.

Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу душвори ҷамъиятиву сиёсӣ, яъне дар вазъияте, ки дар пойтахти кишвар ташкил ва баргузор намудани ягон чорабинии сиёсӣ ғайриимкон буд, Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, ки дар ҷараёни он нахустин қарорҳо ҷиҳати қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмин намудани суботу оромӣ, сарҷамъ сохтани миллати тоҷик ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ қабул карда шуданд.

Бояд гуфт, ки сохти ояндаи давлатдории тоҷикон аввалин маротиба дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ пешниҳод гардид, яъне ман ҳанӯз дар рӯзҳои аввали иҷлосия иброз дошта будам, ки ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастам.

Яке аз муҳимтарин рамзҳои давлати соҳибистиқлоли мо – Парчами миллӣ низ дар ҷараёни ҳамин иҷлосияи тақдирсоз қабул карда шуд.

Бо дастгириву пуштибонии мардуми кишвар ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати навинтихобшудаи

мамлакат мо тавонистем, ки дар як муддати кӯтоҳ ба иҷрои ҳадафҳои фаврии дар наздамон қарордошта ноил гардем.

Умуман, бояд гуфт, ки расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ва бо ҳамин роҳ аз хатари нобудӣ наҷот додани давлати тоҷикон ва аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллати тоҷик дастоварди бузургтарини таърихии мо дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад, ки ба он маҳз ба шарофати дастгириву пуштибонии самимонаи мардуми шарифи Тоҷикистон муваффақ гардидем.

Ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезаҳо, ки бо мақсади аз парокандагӣ наҷот додани миллати тоҷик дар як муддати кӯтоҳ амалӣ гардид, иқдоми муҳимтарини таърихӣ дар он давраи мураккабу вазнин ба ҳисоб меравад.

Баъди барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ зарурати қабули Конститутсияи нав ба миён омад, то ки асосҳои бунёдии ҷомеа, шакли идораи давлат ва дигар арзишҳои давлатдорӣ муайян карда шаванд.

Шашуми ноябри соли 1994 аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистони соҳибихтиёр Конститутсия, яъне санади сарнавиштсоз бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид ва минбаъд дар асоси он мо ба ислоҳоти конститутсионӣ оғоз кардем.

Дар моддаи якуми ин ҳуҷҷати тақдирсоз сохти давлатдории навини тоҷикон муайян карда шуд ва Тоҷикистон бо иродаи мардум давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардид.

Дар асоси Конститутсия парламенти касбии дупалатагӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, яъне шохаҳои алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуданд.

Дар заминаи Конститутсия минбаъд Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ ҳамчун рамзҳои давлатдорӣ тасдиқ гардиданд.

Инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, халқ чун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардид.

Шаклҳои гуногуни моликият асоси иқтисодиёти Тоҷикистон эътироф гардида, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулкӣ кафолат дода шуд.

Тибқи сиёсати башардӯстона бо фармони Президенти мамлакат «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 30 апрели соли 2004, ки дар заминаи он қонуни дахлдор қабул карда шуд, ба ҷазои қатл ва иҷрои он дар кишвар мораторий эълон гардид.

Илова бар ин, дар даврони истиқлолият 17 маротиба қонун дар бораи авф қабул ва нисбат ба 170 000 нафар татбиқ гардида, онҳо аз адои ҷазо озод карда шуданд.

Аз ҷумла 7 сентябри соли 2021 ба муносибати ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ қонуни авф қабул карда шуд, ки тибқи он 11 500 нафар аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва адои ҷазо озод гардид.

Ҳамзамон бо ин, дар замони соҳибистиқлолӣ чор маротиба қонун оид ба авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии кишвар бинобар қонунигардонии маблағҳо ва молу мулкашон қабул ва амалӣ гардонида шуд, ки ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мусбат расонид.

Дар ин давра барои гузариш аз иқтисоди маъмуриву банақшагирӣ ба низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ, яъне иқтисоди бозаргонӣ ислоҳоти фарогир амалӣ карда шуд.

Ҷиҳати барқарор сохтани низоми фалаҷшудаи идораи давлатӣ, оғоз намудани раванди барқарорсозии

баъдиҷангӣ, амалӣ гардонидани дигаргунсозиҳои сохторӣ ва минбаъд таъмин намудани гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ бисёр тадбирҳои самарабахш амалӣ карда шуданд.

Ҳукумати мамлакат ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст.

Дар натиҷа, аз даҳсолаи дуюми даврони истиқлолият рушди босуботи иҷтимоиву иқтисодии кишвар оғоз гардида, мо барои расидан ба ҳадафи олии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидем.

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ ба 28 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Яъне маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар зиёд гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт.

Дар ин давра дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар афзоиш пайдо кард.

Ҳамчунин, дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқаврии мамлакат бори аввал дар таърихи давлати соҳибихтиёрамон ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, истифодаи замин ба соҳиби аслии он – деҳқон вогузор гардид, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳанӯз дар солҳои оғози истиқлолият, яъне дар солҳои бисёр вазнини 1992–1998 Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирӣ кардани гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ҳамчун заминҳои президентӣ тақсим намуд.

Илова бар ин, дар бист соли охир 138 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба 1 миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзили истиқоматӣ ҷудо карда дода шуд.

Яъне 8 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии кишвар имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Хотирнишон месозам, ки дар 70 соли то замони истиқлолият барои бунёди манзили истиқоматӣ ҳамагӣ ба 530 ҳазор оила 77 ҳазор гектар замин дода шуда буд.

Дар ин давра дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон бо ин, ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо амалӣ шуда истодааст.

Дар натиҷа дар замони истиқлолият маданияти истифодабарии замин куллан беҳтар гардида, аз як қитъаи замини обӣ гирифтани 2–3 ҳосил ба ҳукми анъана даромад, ки барои бамаротиб зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда истодааст.

Бо ҳамин роҳ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, аз 11 миллиарди соли 1992 ба

40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд, яъне қариб 4 баробар афзоиш ёфт.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба бахши хусусӣ рост меояд.

Ин нишондиҳанда аз саҳми бузурги кишоварзони мамлакат дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – ҳифзи амнияти озуқавории кишвар, махсусан, дар шароити ду соли охир пайиҳам омадани хушксоливу камобӣ гувоҳӣ медиҳад.

Маҳз ба шарофати заҳмати онҳо фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин гардид ва мардуми мо аз ҷиҳати таъминот бо маводи озуқа танқисӣ накашиданд.

Бинобар ин, ба ҳамаи кишоварзони мамлакат барои заҳмати софдилонаашон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар, инчунин, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд.

Бо амалӣ намудани корҳои зикргардида мо соли 2017 ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил шуда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил додем ва тавассути долонҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар мамолики дуру наздики хориҷӣ пайвастани онро таъмин намудем.

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 нерӯгоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5

ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмӯъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ гардид.

Дар ин давра мо беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ бунёд кардем.

Дар натиҷа соли 2011 дар таърихи навини Тоҷикистон системаи ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд оварда шуд ва устувории фаъолияти соҳа таъмин гардид.

Дар бист соли охир ба кишвар беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 59 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шуд.

Танҳо барои рушди соҳаи саноати кишвар беш аз 35 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб гардид.

Ҳукумати мамлакат дар ин давра дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар соҳаҳо лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро ба маблағи 91 миллиард сомонӣ татбиқ намуд.

Ҷиҳати рушди соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории буҷети давлатӣ зиёда аз 97 миллиард сомонӣ равона гардид.

Дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 173 муассисаи таълимии типи нав – литсей, гимназия, мактаби президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196

муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд.

Дар ин муассисаҳо 150 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимии нав ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гардид ва шумораи онҳо мутаносибан ба 144 ва 41 расонида шуд.

Соли хониши ҷорӣ шумораи шогирдони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ зиёда аз 120 ҳазор нафар ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 245 ҳазор нафарро ташкил кард, ки шумораи шогирдони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нисбат ба соли 1991-ум 1,6 баробар ва донишҷӯён сеюним баробар зиёд мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи ҷавонони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли таҳсили 2021 ба беш аз 42 ҳазор нафар дар 25 давлати хориҷӣ расидааст.

Ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдоди мо барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд.

Дар ин давра 2723 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла 1546 иншоот ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлат бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1,

муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд.

Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд.

Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд.

Тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат беҳтар кардани шароити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад.

Дар ин ҷода, дар бист соли охир 3 ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад.

Барои татбиқи стратегияву барномаҳои мазкур дар бист соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Ҷиҳати ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолии кишвар танҳо дар доираи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатӣ дар се соли охир зиёда аз 25 ҳазор иншооту биноҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Бо истифода аз фурсат, ба кулли мардуми шарафманди кишвар, аз ҷумла ба ҳамаи соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатпеша, ки ба ифтихори ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатӣ дар раванди корҳои ободониву созандагии Ватан, бахусус, дар бунёди иншооти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ саҳми басо арзишманд гузоштанд, сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ва амалисозии стратегияву барномаҳои зикргардида дар зарфи солҳои истиқлолият дар мамлакат беш аз 3,3 миллион ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, шароити зиндагии сокинони мамлакат тадриҷан беҳтар гардида истодааст.

Аз ҷумла дар ин давра музди миёнаи меҳнат 87 баробар, андозаи нафақа 80 баробар ва даромади пулии аҳолӣ 75 баробар афзоиш ёфт.

Дар 30 соли соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии кишвар аз 5,5 миллион то 9,8 миллион нафар, яъне 1,8 баробар зиёд гардид ва соли 2022 аҳолии Тоҷикистон ба 10 миллион нафар мерасад.

Соли 2020 дарозумрии аҳолӣ ба 75,1 сол баробар шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 5 сол зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои фавти умумӣ 40 фоиз, фавти модарон ҳангоми таваллуд 73 фоиз ва фавти кӯдакони то 5-сола 85 фоиз паст гардид.

Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 ба 26,3 фоиз дар соли 2019 коҳиш дода шуд, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Аз баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ, инчунин, нишондиҳандаҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд:

– агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2021 шумораи танҳо муштариёни алоқаи телефонии мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расидааст;

– ҳоло истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳанд;

– соли 1991 дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамагӣ 216 ҳазор мошини сабукрави шахсӣ ба қайд гирифта шуда буд;

– танҳо дар бист соли охир 730 ҳазор мошини сабукрав ворид гардида, дар солҳои истиқлолият аз ҷониби аҳолӣ зиёда аз 320 ҳазор воситаҳои нақлиёт ва дигар техникаи таъиноти гуногун хусусӣ гардонида шудааст, яъне аҳолии мамлакат дар замони истиқлолият соҳиби беш аз ду миллион воситаи нақлиёти шахсӣ гардидааст;

– дар солҳои истиқлолият ба кишвар беш аз 875 ҳазор воситаи нақлиёт ва дигар техника барои истифодаи бахши хусусӣ ворид гардидааст;

– танҳо дар 10 соли охир барои истифодаи алоқаи мобилӣ аз ҷониби аҳолии мамлакат 30 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст;

– агар дороиҳои бахши хусусиро дар кишвар бо арзиши пулӣ ифода намоем, пас он аз ҳисоби арзиши амволи ғайриманқул ва дороиҳои молиявии ширкату корхонаҳои бахши хусусӣ, дар маҷмӯъ, қариб 400 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ҳол он ки дар замони пеш аз истиқлолият ҳатто мафҳуми «бахши хусусӣ» вуҷуд надошт;

– агар соли 2000-ум ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ ҳамагӣ 93 миллион сомониро ташкил карда бошад, пас соли 2021 ба 10 миллиард сомонӣ расидааст, яъне 109 баробар афзоиш ёфтааст.

– дар замони истиқлолият як миллиону 400 ҳазор оила соҳиби замини наздиҳавлигӣ барои бунёди хонаҳои истиқоматӣ гардидааст.

Тавре борҳо таъкид карда будам, мо талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд.

Бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда ва дастовардҳои зикргардида, ҳамчунин, ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Аз ҷумла дар панҷ соли минбаъда рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи на кам аз 7 фоиз ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, бо дарназардошти то 11 миллион нафар афзоиш ёфтани шумораи сокинони кишвар, бояд то 2 баробар зиёд карда шавад.

Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад.

Ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26 фоиз расонида, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад.

Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву

иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд.

Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонида, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад.

Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас ҳамеша аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

Бо ин мақсад дар панҷ соли минбаъда бояд беш аз 1000 иншооти соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот сохта, ба истифода супорида шавад.

Бо амалисозии лоиҳаҳои бузурги бунёду таҷдиди иншооти энергетикии мамлакат мо итминон дорем, ки дар 7 соли оянда иқтидорҳои энергетикии кишварро ба 10 ҳазор мегаватт расонида, ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат, яъне истиқлолияти комили энергетикӣ муваффақ шавем.

Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати рушди энергетикаи «сабз» бояд то охири соли 2022 Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карда, татбиқи онро таъмин намояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад.

Таъкид месозам, ки ин воқеият ва талаботи замони муосир мебошад.

Ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин давра мебошанд.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

– аз 1-уми январи соли 2022 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– аз 1-уми июли соли 2022 музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 20 фоиз зиёд карда шавад.

– аз 1-уми июли соли 2022 андозаи нафақаи амалкунандаи нафақагирони ятими кулл ва нимятимон бинобар маҳрум шудан аз саробон ба андозаи 25 фоиз аз андозаи ҳадди ақалли нафақаи аз рӯи синну сол муқаррargardida зиёд карда шавад.

Ҳадди ақалли музди меҳнат аз 1-уми июли соли 2022-юм 50 фоиз зиёд карда, андозаи он дар ҳаҷми 600 сомонӣ муқаррар карда шавад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани иқдоми мазкур тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Бо мақсади мусоидат ба ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ зарур аст, ки Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, инчунин, барномаҳои миёнамуҳлати татбиқи он қабул ва амалӣ карда шаванд.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки Ҳукумати мамлакат вазифадор аст то соли 2026 шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб карда, ҷиҳати саросар соҳибкасб гардидани аҳолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Дар панҷ соли оянда як миллион нафар шаҳрвандони кишвар бояд соҳибкасб гардонида шаванд.

Илова ба ин, зарур аст, ки сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда, ихтисосу ҳунарҳое, ки барои бозори меҳнат заруранд, таъсис дода, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд.

Танҳо аз ҳисоби рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, молияву бонкдорӣ, нақлиёту коммуникатсия ва дигар бахшҳо бояд то 200 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шавад.

Ҳамчунин, дар марҳалаҳои кунунӣ ва минбаъдаи рушди кишвар идома бахшидани ислоҳот ҷиҳати мукаммал гардонидани низоми идораи давлатӣ ва таъмин намудани самаранокии он зарур мебошад.

Дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбиии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии бемор示 сироятии КОВИД–19 ва

дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Ҳукумати мамлакат тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешида истодааст, ки дар натиҷа соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз баробар гардид.

Рушди иқтисодӣ дар ин давра аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 22 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 6 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 23 фоиз ва гардиши савдо 13 фоиз таъмин карда шуд.

Соли ҷорӣ қисми даромади буҷети давлатӣ иҷро шуда, даромади пулии аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаи соли 2020-ум 15 фоиз афзоиш ёфт ва ба зиёда аз 75 миллиард сомонӣ баробар гардид.

Вале дар кишвар захираву имкониятҳо барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва некӯаҳволии мардум ҳанӯз хеле зиёданд.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки дар соли 2022 барои самаранок истифода намудани имконияту иқтидорҳои мавҷуда, ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намудани суръати рушди иқтисоди миллӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

Дар натиҷаи татбиқи сиёсати самарабахши молияи давлатӣ, аз ҷумла дар самти таъмини суботи молиявӣ, такмили низоми андозбандӣ ва баланд бардоштани самаранокии идораи молияи давлатӣ ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мунтазам афзоиш ёфт.

Дар идомаи ин раванд, соли 2022 даромади буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 19,4 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ сол ба сол зиёд шуда, соли 2022 ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 43,8 фоиз баробар мегардад.

Бинобар ин, Вазорати молия вазифадор аст, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ, баланд бардоштани самаранокиву шаффофияти хароҷоти он, беҳтар намудани назорат, мукаммалсозии аудити берунӣ ва идоракунии неруи инсонӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Илова бар ин, ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ба таври пурра татбиқ намудани барномаҳои муосири баҳисобгирии амалиёти молиявӣ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар ба 63 ва воҳидҳои сохтории онҳо ба 1850 расонида шуд.

Сармояи низоми бонкии кишвар нисбат ба соли 2000-ум 130 баробар афзоиш ёфт.

Ҳаҷми пасандозҳо қариб 100 баробар зиёд шуда, ҳоло бақияи онҳо 10 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ 117 миллиард сомониро ташкил карда, аз ҷумла дар соли 2021-ум 13 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки 37 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ равона гардидааст.

Рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ аз низоми бонкӣ вобаста мебошад, вале то ҳанӯз дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу дарозмуддат мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд.

Ҳамзамон бо ин, бояд доир ба зиёд кардани шумораи бонкҳо, тақвият бахшидани низоми идоракунии хавфҳо ва баланд бардоштани ҳаҷми сармояи ойинномавии ташкилотҳои қарзӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Ба Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва дигар ташкилотҳои қарзӣ супориш дода мешавад, ки дар давраи миёнамуҳлат, яъне дар панҷ соли оянда ҷиҳати ҳамасола афзоиш додани ҳаҷми қарзҳо ва дар соли 2026 ба 30 миллиард сомонӣ расонидани ҳаҷми қарздиҳӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Бо вуҷуди таъсири бемории сироятии КОВИД–19, дар соли 2021 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 6,8 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 2,5 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки нисбат ба соли 2020 ҳаҷми сармоя 42 фоиз ва сармояи мустақими хориҷӣ 39 фоиз зиёд мебошад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати тақвият бахшидани ҷалби сармояи хориҷӣ, хусусан, сармояи мустақим барои бахшҳои саноати коркард мунтазам чораҷӯӣ намояд.

Зарур аст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми сармоягузории мустақим нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шавад.

Ҳоло дар мамлакат 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 42 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Вале эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи кишвар, аз ҷумла соҳаҳои иҷтимоӣ дар самти бунёди инфрасохтори зарурӣ ҳанӯз ҳам зиёд мебошад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки корҳоро доир ба ҷалби маблағҳои имтиёзнок тақвият бахшида, дар 5 соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шавад.

Дар ин раванд, ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми электронии пайгирии муроҷиати сармоягузорон дар доираи «Равзанаи ягона» ва таҳияи тартиби роҳандозии ҳамкории электронӣ бо сармоягузорон дар ҳамаи сатҳҳои мақомоти давлатӣ бояд чораҳои амалӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳозирини гиромӣ!

Амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2360 расонида шуд.

Танҳо соли 2021-ум 256 коргоҳу корхонаи нав бо 2500 ҷойи корӣ ба фаъолият оғоз намуд.

Аммо бо вуҷуди имтиёзу сабукиҳои зиёди пешниҳодгардида имконияту иқтидорҳои истифоданашуда барои боз ҳам тезонидани суръати саноатикунонӣ ҳанӯз зиёданд.

Зеро захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳанд, ки тавассути коркарди пурраи маъдан, аз ҷумла металлҳои рангаву қиматбаҳо, инчунин, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш соҳаҳои саноати металлургия, сабуку хӯрокворӣ ва дорусозӣ рушд намуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, барои ташкили корхонаҳо бо технологияҳои муосир, паркҳои инноватсиониву технологӣ, марказҳои коркарди иттилоот ва ба ин васила таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда бояд тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар давоми панҷ соли оянда, яъне дар доираи «Солҳои рушди саноат» тавассути таъсиси корхонаҳои нав, барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда, афзоиш додани ҳаҷми истихроҷи канданиҳои фоиданок ва коркарди маъдан ба фаъолият оғоз кардани боз якчанд корхонаи бузурги соҳаи маъдан оид ба коркарди ниҳоии ашёи хом бо таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ имконпазир мебошад.

Бо ин мақсад, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки якҷо бо сохтору мақомоти марбута барои ҷалби сармояи мустақим чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, дар 5 соли минбаъда барои таъмин кардани рушди саноати сабук доир ба таъсиси 5 маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби беш аз 11 миллиард сомонӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Илова бар ин, бо дарназардошти фароҳамсозии омилҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда, аз ҷумла корхонаҳои нассоҷии дар ихтиёри давлат қарордошта низоми идоракунии

корпоративӣ роҳандозӣ ва бо ҷалби бахши хусусӣ фаъолияти самараноки онҳо ҳарчи зудтар таъмин карда шавад.

Ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ, ки барои таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус, барои занону бонувон имконият медиҳад, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷударо таъмин намоянд.

Дар робита ба ин, замини тутзорҳо ба муддати 10 сол аз пардохти андози ягонаи замин, инчунин, шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии дастӣ машғуланд, аз пардохти андозҳо пурра озод карда шаванд.

Дар самти рушди соҳаҳои мухталифи саноат зарур аст, ки гузариш ба технологияҳои инноватсионӣ, хусусан, таҷҳизоти каммасрафи баркӣ таъмин гардида, дар ин замина истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок бо истифода аз «энергияи сабз» васеъ ҷорӣ карда шавад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати таҳия ва васеъ истифода намудани технологияҳои муосир дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакат Стратегияи миллии «зеҳни сунъӣ»-ро қабул ва татбиқ намояд.

Вобаста ба талаботи соҳаи саноат зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва тайёр кардани мутахассисони касбҳои нав эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Мавҷудияти иқтидорҳои фаровони энергетикии мамлакат аз ҷумлаи омилҳои калидии рушди соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

Ҳоло барои рушди минбаъдаи соҳа татбиқи 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 16,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Имрӯз дар кишвари мо 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи об истеҳсол гардида, Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашум кишвари пешсафи сайёра мебошад.

Инчунин, Тоҷикистон аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ яке аз ҷойҳои баландтаринро ишғол мекунад.

Аз ин лиҳоз, истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз» аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатнокии иқтисоди кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт, ҳоло дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди нерӯгоҳи «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи васеи дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла нерӯи офтоб ва шамол ба манфиат буда, дар ин самт асосноккунии 3 лоиҳа бо иқтидори умумии 260 мегаватт оғоз гардидааст, ки дар панҷ соли оянда татбиқ карда мешаванд.

Инчунин, бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди инҳо аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод карда шаванд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан муҳайё сохтани инфрасохтор ва дигар

шароити зарурӣ барои истифодаи чунин воситаҳои нақлиёт дар қаламрави кишвар чораҷӯӣ намояд.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз тамоми имкониятҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои бунёду азнавсозии роҳҳо мунтазам чораҷӯӣ карда истодааст.

Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт татбиқи 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 миллиард сомонӣ идома дорад, ки барои ба кишвари дорои шароити муосири транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Соли 2021 лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Обигарм–Нуробод, Ҳулбук–Темурмалик–Кангурт, Данғара–Левакант–Бохтар, қитъаҳои Қалъаихумб–Ванҷи шоҳроҳи Душанбе–Кулма, Қизилқалъа–Бохтари шоҳроҳи Душанбе–Бохтар, Бекобод–Бобоҷон Ғафуров–Конибодом, сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, таҷдиди роҳи мошингард ва бунёди долонҳои зидди тарма дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон шурӯъ шуданд.

Дар панҷ соли оянда, яъне солҳои 2022–2026 боз сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Гулистон–Фархор, Ҷалолиддини Балхӣ–Қубодиён–Шаҳритус, Данғара–Гулистон–Кӯлоб, Рӯшон–Хоруғ–Кулма, Хуҷанд–Конибодом ва Хуҷанд–Ашт оғоз мегардад.

Дар давоми солҳои 2022–2026 зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингард, 53 пул, 7 нақб ва 5 долони зидди тарма бунёд карда мешаванд, ки қисми зиёди онҳо дорои сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

Сохтмон яке аз соҳаҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодӣ, инъикоскунандаи рушди кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад.

Танҳо соли 2021 дар кишвар дар ҳаҷми 12,2 миллиард сомонӣ корҳои сохтмону васлгарӣ иҷро гардидааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 20 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин муддат ба маблағи беш аз 3,5 миллиард сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта, 1,2 миллион метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти дигар ба истифода дода шудаанд.

Доир ба масъалаҳои соҳа бори дигар таъкид менамоям, ки Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти марбута ҳангоми таҳия ва татбиқи нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва шаҳраку деҳоти мамлакат банақшагириву бунёди иншооти иҷтимоиву сайёҳӣ ва дигар иншоотро бо риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, санъати баланди меъморӣ, истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон таъмин намоянд.

Илова бар ин, ҳангоми лоиҳакашӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама, сохтмони мактабҳо, боғчаҳои кӯдакон, марказҳои саломатӣ ва дигар инфрасохтори иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ ба нақша гирифта, дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо бунёди ҳатмии биноҳои истиқоматии баландошёна пешбинӣ карда шавад.

Ҳукумати мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ, дар баробари амалисозии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ҷиҳати дастгириву пешрафти бахшҳои мухталифи соҳа як қатор барномаҳоро қабул ва амалӣ намуд.

Барои рушди соҳа дар ин давра аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузории давлатӣ беш аз 18 миллиард сомонӣ, аз ҷумла дар доираи татбиқи 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 9,4 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Илова бар ин, барои соҳа имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукӣ муқаррар карда шуданд ва дар натиҷа ҳама бахшҳои соҳа ба пешравиҳои назаррас ноил гардиданд.

Масалан, дар давоми 20 сол шумораи корхонаҳои парандапарварӣ аз 21 ба 200 расонида шуда, истеҳсоли гӯшти паранда 9 баробар зиёд гардид.

Воридоти гӯшти паранда аз 65 ҳазор тонна ба маблағи 50 миллион доллар дар соли 2014 то 3 ҳазор тонна ба маблағи 9 миллион доллар дар соли 2021 кам гардид, яъне аз рӯи ҳаҷм беш аз 21 баробар коҳиш ёфт.

Инчунин, дастгириҳои давлатӣ ва имтиёзҳои пешниҳодшуда боиси рушди соҳаҳои боғу токпарварӣ, чорводориву парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ гардиданд.

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои рушди соҳа дар замони истиқлолият майдони боғу токзор дар мамлакат 3,6 баробар ва истеҳсоли меваю ангур 4,3 баробар афзоиш ёфт.

Агар майдони умумии боғу токзорҳо соли 1991-ум 56 ҳазор гектарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 202 ҳазор гектар расонида шуд.

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои соҳавӣ ва имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат соҳаҳои мазкур бомаром тараққӣ карда, танҳо аз ин ҳисоб дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Бар замми ин, бо мақсади дастгирӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ, бахусус, хушксолӣ ва обхезӣ, паҳншавии бемории КОВИД–19 дар ду соли охир ва пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо кишоварзони мамлакат дар соли 2021 аз пардохти андоз аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, яъне андози ягона озод карда шуданд.

Иқдоми мазкур боиси 6 фоиз афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли ҷорӣ нисбат ба соли қаблӣ гардид.

Дар натиҷа фаровонии бозори истеъмолии кишвар бо молу маҳсулоти асосии ниёзи мардум таъмин карда шуд.

То замони истиқлолият талаботи аҳолӣ ба гӯшт ва картошка асосан аз ҳисоби воридот таъмин мегардид.

Агар соли 1991 ба Тоҷикистон 150 ҳазор тонна гӯшти чорво ва 325 ҳазор тонна картошка бо мақсади истеъмолӣ ворид шуда бошад, пас ҳоло бо ин мақсад ба кишвар гӯшти чорво ва картошка умуман ворид намешавад;

– ҳамзамон бо ин, соли 2021 беш аз 200 ҳазор тонна меваю сабзавот содирот шудааст, ки нисбат ба соли 2020-ум 70 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Дар робита ба ин як нуктаи муҳимро хотирнишон месозам.

Ҳамаи мо хуб мушоҳида мекунем, ки солҳои охир ва хусусан, ду соли охир дар кишвари мо ва бисёр мамлакатҳои дунё хушксолӣ ва камбориши идома дорад.

Тибқи маълумоти расонаҳо ва Созмони Милали Муттаҳид имрӯзҳо дар даҳҳо кишвари сайёра гуруснагӣ идома дорад.

Дар чунин шароит мо бояд ба истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, пеш аз ҳама замин ва об, мунтазам зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ ва дар баробари ин, ба масъалаи сарфаю сариштакорӣ ниҳоят ҷиддӣ муносибат кунем.

Ҳамзамон бо ин, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки стратегияву барномаҳои соҳавиро пурра татбиқ намуда, доир ба рушди тухмипарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани рушди саноати

коркард ва хӯроквори, инчунин, тақвияти иқтидори содиротии кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

Ҳамватанони азиз!

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем.

Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ваояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад.

Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Бо ин мақсад, роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Дар робита ба ин, ба Вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки барои омода кардани омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо забонҳои

хориҷӣ дар донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ кушодани шуъбаҳои алоҳидаро пешбинӣ намояд.

Умуман, зарур аст, ки таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан, русиву англисӣ дар тамоми факултаву шуъбаҳои мактабҳои олӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад.

Зеро Тоҷикистон ҳоло бо 180 давлат робитаи дипломатӣ ва бо 130 кишвар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ дорад.

Дар даврони истиқлолият барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ зиёда аз 315 ҳазор мутахассисони равияи омӯзгорӣ, аз ҷумла 115 ҳазор нафар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тайёр карда шудааст.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 129 ҳазор нафар омӯзгорон дарс мегӯянд.

Таъминнокии муассисаҳои таълимии кишвар бо кадрҳои омӯзгорӣ, дар маҷмӯъ, 98,7 фоизро ташкил медиҳад.

Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки вобаста ба талаботи рӯз ва рушди технологияҳои иттилоотии муосир лоиҳаи консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамиро таҳия карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар сӣ соли гузашта тамоми чораҳои заруриро андешид, ки пешрафти илми ватанӣ таъмин гардад.

Вобаста ба талаботи иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат дар самтҳои ҷустуҷӯ ва иктишофи канданиҳои фоиданок ва рушди саноати маъдан олимони мо бояд корҳои таҳқиқотиро вусъат диҳанд.

Инчунин, таҳияи усулҳои пешгӯии хавфҳои эҳтимолӣ ва таъсири манфии омилҳои гуногун ба иқтисоди миллӣ,

хизматрасониҳои рақамӣ, пешрафти «энергияи сабз» ва «иқтисоди сабз» ва дар робита ба ин, ба роҳ мондани омӯзиши ҳамаҷонибаи манбаъҳои алтернативӣ, ихтироъкориву навоварӣ, коркарду татбиқи технологияҳои нави каммасраф ва роҳу усулҳои аз ашёи хоми ватанӣ истеҳсол кардани доруворӣ ва нуриҳои маъданӣ вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар мебошад.

Олимони ҷомеашиноси моро зарур аст, ки якҷо бо зиёиёни эҷодкор дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону адабиёти миллати куҳанбунёдамон дар роҳи ба ҷаҳониён ҳарчи бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик рисолати шаҳрвандиву миллии худро ба таври шоиста иҷро намоянд.

Вобаста ба тағйирёбии иқлим, баландшавии бесобиқаи ҳарорати миёнаи кураи Замин ва пайомадҳои манфии он барои ҳаёти инсон, олами ҳайвоноту наботот ва пиряхҳои кишвар олимони мо омӯзиш, таҳқиқ ва мониторинги доимиро дар ин самтҳо ба роҳ монда, роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро якҷо бо олимони минтақа ва ҷаҳон коркард ва амалӣ намоянд.

Фарҳанг ҳамчун омили асосии тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа ва муаррифгари таърих ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ иқдомоти зиёде амалӣ гардида истодаанд.

Ҳифзи мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати бостониамон, ки гувоҳи зиндаи таърихи шашҳазорсолаи халқамон мебошад, вазифаи муҳимтарини мо – ворисони ин мероси бузург ба ҳисоб меравад.

Эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим мебошад.

Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем, ки «Шашмақом», «Фалак», Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Ифтитоҳи бинои нави Китобхонаи миллӣ барои 10 миллион нусха китоб дар пойтахти мамлакат–шаҳри Душанбе, баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии китоб, озмунҳои гуногун, махсусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», нашри силсилакитоби «Ахтарони адаб» иборат аз панҷоҳ ҷилд, ба ҳар як оилаи кишвар ба таври ройгон дастрас гардидани шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, таҷлили Рӯзи китоб, бунёди даҳҳо театр, қасрҳои фарҳанг, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу фароғат дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва сафарҳои ҳунарии аҳли фарҳанги мо ба даҳҳо кишвари дунё аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанги миллӣ ба шумор меравад.

Хотирнишон месозам, ки ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои «Илм–фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон–Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвият бахшидани ҳуввияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва

пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад.

Тавре ки мушоҳида мегардад, ҳоло дар ҷомеаи мо насли нави соҳибистеъдод, илму донишдӯст ва фарҳангпарвару забондон ба камол расида истодааст ва мо бояд онҳоро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намоем.

Зикр бояд кард, ки ҳадаф аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар бахши фарҳанг ва маориф дар ҳамкорӣ бо ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба фарҳанг, илм ва маориф (ЮНЕСКО) таҳкими раванди муколама оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, муаррифии таърихи қадимаи тоҷикон ва фарҳанги бостониву ғании миллатамон мебошад.

Соли 2021 дар баробари номбандии муштараки «Роҳи Абрешим: долони Зарафшон–Қароқум» 9 мавзеи мероси таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ба Рӯйхати муқаддамотии ЮНЕСКО ворид гардид.

Ҳамчунин, пешниҳоди Тоҷикистон оид ба ворид намудани 2500– солагии шаҳраки қадимаи «Тахти Сангин» ба Рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои солҳои 2022–2023 пазируфта шуд.

Панҷ рӯз пеш аз ҷониби ЮНЕСКО боз як намунаи мероси фарҳанги миллии мо – «Фалак» ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид карда шуд.

Яъне «Фалак» мисли Наврӯз ҷаҳонӣ гардид.

Моҳи октябри соли ҷорӣ аввалин бор дар минтақаи Аврупо намоиши нигораҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Тоҷикистон – кишвари дарёҳои тиллоӣ» дар Осорхонаи Гимейи Фаронса баргузор гардид.

Дар давоми се моҳ таъриху тамаддуни ғании миллати шарафманди тоҷик, мавзеъҳои таърихии сарзамини мо дар асрҳои гуногун, осори фарҳангиву ҳунармандии қадима ва санъати нотакрори халқи тоҷик ба мардуми Аврупо муаррифӣ мегардад.

Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Тайи 30 соли истиқлоли давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани солимии сокинони кишвар ва ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ усулҳои муосири ташхису табобат роҳандозӣ гардида, нерӯи зеҳнии соҳа ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таҳким ва тавсеа пайдо кард.

Соли 1990 дар Тоҷикистон 2860 муассисаи тиббӣ бо 52800 нафар корманд фаъолият дошт.

Ҳоло дар кишвар 4700 муассисаи тиббӣ бо 78 800 корманд фаъолият дорад.

Дар давоми сӣ соли истиқлолият барои соҳаи тандурустӣ 187 000 нафар табиб ва корманди миёнаи тиббӣ тайёр карда шудааст.

Вобаста ба зиёд гардидани ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустӣ садҳо муассисаи нави тиббӣ бунёд ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ, нақлиёти санитарӣ ва дигар лавозимоти тиббӣ таъмин карда шуданд.

Танҳо дар се соли охир, яъне солҳои 2019–2021 дар доираи нақшаи корҳои ободониву созандагӣ ба муносибати 30–солагии истиқлолият аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 1858 иншооти соҳаи тандурустӣ бунёд шудааст.

Ҳоло сатҳу сифати ташхису табобати беморон нисбат ба солҳои пеш хеле беҳтар гардида, барои ташхису табобат ба кишварҳои хориҷӣ рафтани шаҳрвандон бамаротиб коҳиш ёфтааст.

Дар робита ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор аст, ки барои таъмин намудани дастрасии бештари аҳолӣ ба хизматрасониҳои

баландихтисос ва махсусгардонидашуда ҷиҳати минбаъд низ ворид намудани усулҳои муосири ташхису табобат ва технологияҳои инноватсионӣ дар амалияи тиббии муассисаҳои соҳавӣ чораҳои заруриро амалӣ намояд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки бо мақсади ташвиқи тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои тиббиву иҷтимоӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ заминаи моддиву техникии муассисаҳои тиббиву иҷтимоиро ҷоннок намуда, доир ба дастгирии мутахассисони ҷавон, баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони соҳа ва якҷо бо дигар вазорату идораҳои марбута ва соҳибкорон дар самти таъмин кардани рушди саноати дорусозӣ, аз ҷумла истеҳсоли доруворӣ аз гиёҳҳои шифобахши ватанӣ тадбирҳои мушаххас андешад.

Ҳоло муассисаҳои тиббии кишвар бо табибон 84 фоиз ва бо кормандони миёнаи тиббӣ 96 фоиз таъмин мебошанд.

Дар панҷ соли минбаъда муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз рӯи ихтисосҳои тиб 13 770 нафар ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббиро 47 880 нафар хатм мекунанд.

Аз ин рӯ, сохтору мақомоти марбута вазифадоранд, ки камбудии мавҷударо доир ба норасоии кадрҳо дар ду сол бартараф намоянд.

Таъкид месозам, ки барои ҳалли ду масъалаи муҳимтарини соҳаи тандурустӣ – тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, аз ҷумла мутахассисони бемориҳои сироятӣ, вирусшиносҳо ва рушди саноати дорусозӣ бояд тадбирҳои ҷиддӣ ва қатъӣ андешида шаванд.

Имрӯз дар бисёр кишварҳои дунё мавҷи нави беморりи сироятии КОВИД–19 ва фавти одамон идома дорад.

Бинобар ин, ба мардуми кишвар муроҷиат карда, таъкид менамоям, ки гарчанде ин беморӣ дар кишвари мо нест, сокинони мамлакат бояд бепарво набошанд, ба фориғболӣ роҳ надиҳанд ва ин масъаларо ҳазл нашуморанд.

Баръакс, бояд ҳушёру эҳтиёткор бошанд ва маслиҳату тавсияи мутахассисону табибонро риоя намоянд.

Онҳое, ки аз кишварҳои хориҷӣ меоянд, бояд ҳатман зери назорати табибон қарор дода шаванд.

Чунин шахсон бояд фикри аъзои оила, хешовандон ва ҷомеаро кунанд.

То имрӯз 60 фоизи аҳолӣ эм карда шудааст ва зарур аст, ки раванди эмгузаронӣ боз ҳам вусъат дода шавад, зеро ягона роҳи муассири эмин мондан аз ин беморӣ эмгузаронӣ мебошад.

Ҳозирини муҳтарам!

Нақши бонувону занон дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад.

Тибқи маълумоти оморӣ занон 49,3 фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳанд.

Имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд.

Ҳоло қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд.

Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт,

энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд.

Маҳз ба ҳамин хотир, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон, аз ҷумла дар мақомоти роҳбарикунанда ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд дар муҳлати се моҳ «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030» таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Мо бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки зан – модар мавҷуди муқаддас мебошад ва ҳамаи сиёсатмадорону донишмандон ва бузургони олам, аз ҷумла Пайғамбари ислом аз домани поки модар ба дунё омадаанд ва бо шири ҷонбахши ӯ бузург шудаанд.

Воқеан, мақоми зан – модар дар ислом бисёр баланд мебошад ва беҳуда нест, ки дар Қуръони карим сураи чаҳорум бо номи «Нисо» (занон) нозил шудааст.

Бинобар ин, ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарону занон ва бонувону духтарон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи ҷонии мо мебошад.

Дар замони истиқлолият 11 500 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Дар ин давра 222 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм намуда, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар ин муассисаҳо таҳсил карда истодаанд.

Аз 42 ҳазор нафар донишҷӯёни мо, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ таҳсил доранд, зиёда аз 8 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони лаёқатманду соҳибмаърифат ва ватандӯсту хештаншинос, яъне насли ояндасози миллат ва давлат дар сӣ соли соҳибистиқлолӣ тамоми шароиту имкониятҳои заруриро фароҳам овардааст.

Тайи солҳои 2011–2020-ум дар кишвар қариб 3000 иншооти варзиш сохта шудааст.

Аз шумораи умумии иншооти ба ифтихори 30–солагии истиқлоли давлатӣ сохташуда 23 фоизашро иншооти соҳаи варзиш ташкил медиҳад, ки ин натиҷаи таваҷҷуҳ ва ғамхории давлату Ҳукумат, пеш аз ҳама, ба наврасону ҷавонон мебошад.

Ҷавонон ояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат мебошанд.

Ман борҳо таъкид кардаам ва имрӯз бори дигар бо ифтихор иброз медорам, ки ҷавонони мо дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ буда, дар мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳое, ки зидди давлату миллатанд, омода мебошанд ва манфиатҳои миллиро аз ҳар манфиати дигар боло медонанд.

Мо бо ҷавонони бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва барои ҳалли масъалаҳои онҳо минбаъд низ тамоми тадбирҳоро амалӣ мегардонем.

Итминони комил дорам, ки ҷавонони мо дар дигаргунсозиҳои ҷомеаи навин боз ҳам фаъолона иштирок

карда, дар муаррифии давлати миллӣ, ҳифзи арзишҳои истиқлолият ва рушди Тоҷикистони азиз беш аз пеш саҳм мегузоранд.

Таъкид менамоям, ки мо дар ҳазорсолаи сеюм ва асри пешрафти бесобиқаи илму технологияҳо, яъне дар асре, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаёт тавассути саводу дониш ва илму технологияҳо идора карда мешаванд, зиндагӣ дорем.

Барои ҳамқадами замона будан ва рушди давлату ҷомеаро таъмин кардан омӯзиши илму дониш, хусусан, илмҳои табиӣ, риёзӣ дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунар роҳи ягона ва дуруст мебошад.

Зеро бо бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ҷомеа ба ҷойе намерасад.

Такроран хотирнишон месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва давлат мегардад.

Бинобар ин, падару модарон бояд шароит муҳайё созанд, ки наврасону ҷавонон, чи духтару чи писар бояд хонанд, илму дониш ва касбу ҳунар омӯзанд.

Дар замоне, ки илму техника бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, бе дониши замонавӣ, бе касбу ҳунарҳои муосир ва бе донистани забонҳои хориҷӣ зиндагӣ кардан бисёр душвор мегардад.

Баръакс касе, ки илму дониш ва касбу ҳунар дорад, дар зиндагӣ ҳаргиз хору зор ва ба касе муҳтоҷ намешавад ва умри бобаракат мебинад.

Мо насли ояндасозро минбаъд низ бо истифода аз тамоми имкониятҳо дастгирӣ мекунем.

Ҳамватанони гиромӣ!

Бо пешрафти ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир ёфта, дар ин замина ба муносибатҳои нав мутобиқ гардонидани қонунҳо шарти асосии таъмин намудани

рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мебошад.

Баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо, ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандон ҷавобгӯ будани меъёрҳои қонунҳои амалкунанда, дар навбати худ, ҳамкории доимӣ ва ҳамаҷонибаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд.

Бо ин мақсад Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро зарур аст, ки таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузориро гузаронида, сатҳи мутобиқати қонунгузории мамлакатро ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида муайян намоянд ва оид ба такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди татбиқи ҳуқуқ чораҳои судманд андешанд.

Дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад.

Мо сабақҳои талхи мухолифату ноороми҇о ва беназмиву беқонунии солҳои 1991 – 1997-ро ҳаргиз набояд фаромӯш кунем.

Бинобар ин, Прокуратураи генералӣ вазифадор аст, ки назорати риоя ва иҷро гардидани қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз мансубият ва шакли моликият, инчунин, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро пурзӯр намояд.

Дар ин раванд, мақомоти судӣ бояд вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланди касбӣ иҷро карда,

баррасии саривақтӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои судиро ба роҳ монда, қарорҳои қонуниву асоснок қабул намоянд ва ба ин васила ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро таъмин созанд.

Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, бо дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла, ифротгароӣ, савдои одамон ва хариду фурӯши силоҳ робитаи ногусастанӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои марбутаи кишварро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба таври ҷиддӣ тақвият бахшида, тамоми имкониятҳоро барои ошкор намудани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша ва қочоқи маводи мухаддир сафарбар намоянд.

Бо дарназардошти торафт мураккаб гардидани вазъияти минтақа ва ҷаҳон, инчунин, бо мақсади ба таври боэътимод таъмин кардани амнияти давлат ва ҷомеа ба Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ба масъалаҳои мунтазам беҳтар кардани шароити хизмат ва зиндагии афсарону сарбозон, аз лиҳози техникиву таҷҳизот навсозӣ кардани Қувваҳои Мусаллаҳ ва махсусан, Қӯшунҳои сарҳадӣ, ташкили дурусти ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ, бо лавозимоту таҷҳизот таъмин кардан, баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва омодабошии онҳо эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳозирини арҷманд!

Мизони асосии усули «дарҳои кушода», ки мо дар сиёсати хориҷии худ пеш гирифтаем, роҳандозӣ кардан ва

пешбурди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ, ҳамкории судманд бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад.

Дар ин росто, метавон тазаккур дод, ки имрӯз Тоҷикистон бо 180 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда, узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бонуфузи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Дар сиёсати хориҷӣ мо ба рушди минбаъдаи муносибатҳо бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, шарикони стратегӣ – Федератсияи Россия, Чин ва дигар шарикони худ, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, кишварҳои Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар минтақаҳои олам ҳамеша аҳаммияти хосса медиҳем.

Кишвари мо ҳоло дар ҳалли мушкилоти ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводди мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ саҳми арзишманд дорад.

Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Раванди оби Душанбе» пазируфта шудааст, кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври хос муаррифӣ кардааст.

Ҳоло иқдоми чоруми Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ шуда истодааст.

Ҳамзамон бо ин, масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи хоси кишвари мо қарор гирифтааст.

Тайи чанд даҳсолаи охир тақрибан сеяки ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвари мо, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ аз онҳо ташаккул меёбад, аз байн рафтааст.

Дар ин замина, кишвари мо ба мақсади эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, мушаххас намудани Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо якҷо бо шарикони байналмилалии худ саъй карда истодааст.

Ҳозирини гиромӣ!

Мо ҳамеша ҷонибдори рушди ҳамкориҳои созанда бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар асоси усули дӯстиву ҳамкорӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва эҳтирому эътимоди тарафайн дар минтақа мебошем.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди мо вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводди мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд.

Чунонки мушоҳида мекунем, вазъият дар ин кишвари ҳамсояи наздики мо ҳамоно печида ва мураккаб боқӣ мемонад.

Зиёда аз бист сол мешавад, ки Тоҷикистон аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон ҷалб менамояд.

Бори дигар такрор мекунам, ки ҳолати фоҷиабори дар ин кишвар баамаломада гуноҳи мардуми дорои тамаддун ва таъриху фарҳанги бисёр қадимии Афғонистон нест, балки натиҷаи дахолати хориҷӣ ба корҳои дохилии он мебошад, ки беш аз 43 сол инҷониб идома дорад.

Мардуми Тоҷикистон натиҷаи дахолати доираҳои манфиатдори хориҷиро, ки боиси сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта, ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар ва ятим мондани зиёда аз 50 ҳазор нафар кӯдакон гардид, ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Бинобар ин, мо, ки чунин таҷрибаи талхи таърихӣ дорем, ҳеҷ гоҳ ба масъалаҳои дохилии ҳамсояҳои худ дахолат намекунем ва дар муносибат бо онҳо ягон ҳадафи ғаразнок надорем.

Мо ҳамеша ҷонибдори он ҳастем, ки дар кишварҳои ҳамсояи мо сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ ҳукмфармо бошад ва мо тавонем, ки бо онҳо дар фазои ҳамсоягии нек ва ҳамкории созанда зиндагӣ кунем.

Маҳз бо ҳамин сабаб Тоҷикистон ҳамчун ҳамсояи наздиктарини Афғонистон ба тақдири мардуми азияткашидаи ин кишвар бетафовут буда наметавонад.

Мо чунин мешуморем, ки сарҷамъ сохтани тамоми мардум ва таъсис додани ҳукумати фарогири манфиатҳо ва намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо ва нерӯҳои сиёсӣ ягона роҳи расидан ба суботу оромӣ дар Афғонистон мебошад.

Такроран хотирнишон месозам, ки мардуми Афғонистон бо имконияту иқтидори бузурги сиёсӣ, тамаддунӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоие, ки доранд, бояд тақдири имрӯзу ояндаи худро ба даст гиранд.

Яъне сохти давлатдорӣ ва тарзи идораи давлат бо майлу ирода ва раъйи худи мардуми ин кишвар муайян ва муқаррар карда шавад.

Имрӯз Афғонистон, мутаассифона, гирифтори буҳрони амиқи сиёсӣ ва гуманитарӣ мебошад, ки метавонад оқибатҳои ҷиддии дарозмуддатро ба бор оварад.

Дар робита ба ин, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мардуми азияткашидаи Афғонистон расонидани кумакҳои башарии мақсаднокро амри зарурӣ медонем.

Дар ин раванд, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки дар доираи имкон барои расонидани кумаки башардӯстона ба мардуми бародари Афғонистон чораҷӯӣ намояд.

Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо созмонҳои марбутаи байналмилалӣ имкониятҳои васеи логистикии худро дар ин ҷода пешниҳод кардааст.

Ҳоло шаш пули дар замони соҳибистиқлолӣ дар сарҳадоти ду кишвар бунёдгардида барои расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми бародари Афғонистон фаъолият карда истодааст.

Ман борҳо таъкид карда будам ва ҳоло бори дигар иброз медорам, ки вазъияти Афғонистон ба амният ва суботу оромии минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон таъсири бевосита дорад.

Зеро Тоҷикистон бо Афғонистон 1400 километр хатти сарҳад дорад, ки 60 фоизи сарҳади умумии минтақаи Осиёи Марказиро бо ин кишвар ташкил медиҳад.

Яъне тамоми мушкилоте, ки дар минтақаи зикршудаи марзӣ ба вуҷуд меояд, аз ҷумла қочоқи рӯз ба рӯз афзояндаи маводи мухаддир мустақиман ва қабл аз ҳама, ба дӯши Тоҷикистон қарор мегирад.

Бинобар ин, мо ҳамеша ҷонибдори ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар қаламрави ин кишвари ҳамсоя мебошем.

Ман ин суханҳоро дар асоси таҷрибаи талхи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навадуми Тоҷикистон мегӯям.

Агар Афғонистон дар он айём орому босубот мебуд, гурӯҳҳои экстремистиву террористии аз ҷумлаи шаҳрвандони мо бо кумаку дастгирии кишварҳои манфиатдор ташкилгардида наметавонистанд қаламрави онро ҳамчун пойгоҳи аъмоли хунини худ бар зидди Тоҷикистон истифода намоянд.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон!

Ҳамватанони азиз!

Роҳи тайкардаи кишвари соҳибистиқлоли мо дар давоми сӣ соли гузашта, инчунин, дастовардҳое, ки мо дар ин муддат ба онҳо ноил гардидем, як нуктаи бисёр муҳимро возеҳу равшан собит сохтанд: мардуми шарафманди тоҷик метавонанд дар шароити мураккабу буҳронии ҷаҳони муосир бо нангу номуси ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ ва иродаи қавӣ Ватани муқаддаси худро ҳифз кунанд, онро боз ҳам обод намоянд ва нуфузу обрӯи Тоҷикистони озоду соҳибихтиёрро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоранд.

Дар ин давра маҳз ба шарофати заҳмати содиқонаи халқи азизи Тоҷикистон ва дастгириву пуштибонии хурду бузурги кишвар аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлату Ҳукумат мо мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоиро бартараф сохта, як кишвари орому босубот ва рӯ ба тараққиро бунёд намудем.

Мо бароиояндаи неки мардумамон, ба хотири тақвияти иқтидори иқтисодии давлатамон, ободии Ватанамон ва муҳимтар аз ҳама, мунтазам беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии халқамон пойдевори мустаҳкам гузоштем.

Нақшаҳои созандаи мо дар доираи чор ҳадафи стратегии миллӣ ва барномаҳои муҳим тарҳрезӣ гардидаанд.

Мо то имрӯз дар ҷодаи амалӣ намудани онҳо хеле корҳоро анҷом додем.

Бовар дорам, ки вакилони парламент, аъзои Ҳукумат, хизматчиёни давлатӣ ва умуман мардуми шарифи кишвар тамоми саъю талоши ватандӯстонаи худро ба хотири амалӣ намудани нақшаву барномаҳои қабулшуда, аз ҷумла татбиқи нақшаҳои саноатикунонӣ, ободиву созандагии Ватан ва бо дастовардҳои боз ҳам бештар истиқбол гирифтани ҷашни 35–солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон сафарбар месозанд.

Ба Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки дар муддати шаш моҳ нақшаи чорабиниҳоро барои истиқболи сазовори 35-солагии истиқлолияти давлатӣ ва солҳои рушди саноат таҳия карда, ҷиҳати баррасӣ ва тасдиқ ба Роҳбари давлат пешниҳод намоянд.

Мо бояд дар панҷ соли оянда тамоми захираву имкониятҳо ва саъю талоши худро ба хотири рушду тараққиёти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани маҳбубамон ва истиқболи арзандаи ин ҷашни муборaку муқаддаси миллӣ сафарбар намоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб мушоҳида мекунанд, ки бо гузашти солҳо вазъи ҷаҳон мураккабу печида ва таҳдиду

хатарҳои муосир боз ҳам ошкору шадид гардида истодаанд.

Аз ин рӯ, мо бояд аз соҳибдавлату соҳибватан буданамон доим шукрона кунем, ҳамеша ҳушёру зирак ва сарҷамъу муттаҳид бошем.

Мо бояд ҳамеша босабру таҳаммул бошем, ҳамдигарро ҳамеша дастгирӣ кунем, ба ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоат ғамхорӣ намоем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, фарзандонамонро дар ҳамин рӯҳия тарбия кунем, ба Ватан, миллат ва давлати худ ҳаргиз хиёнат накунем, зеро хиёнатро на Худо мебахшад ва на бандаҳои Худо.

Мо хуб медонем, ки дар зиндагии мардумамон ҳанӯз мушкилоти зиёд вуҷуд доранд.

Вале эътимоди комил дорем, ки тамоми мушкилоту камбудиҳоро худамон ва бо заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаландамон дар солҳои наздиктарин бартараф месозем.

Таъкид месозам, ки танҳо азму иродаи қавӣ, эътимод ба фардои нек, заҳмати софдилона ба нафъи Ватан ва давлат метавонад моро ба ҳадафҳои олиамон расонад.

Ба ҳамватанони азизам муроҷиат карда, як нуктаи муҳимро хотирнишон месозам: модоме ки мо ҳама якҷо як кишвари дар дами ҳалокат қарордоштаро ба қаламрави сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва шукуфоиву ободӣ табдил додем, қодир ҳастем, ки ҳамаи мушкилоти дигарро низ бартараф карда, дарояндаи наздик Тоҷикистони маҳбубамонро бо заҳмати сарҷамъонаву ватандӯстона боз ҳам ободу пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.

Ба ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистони азиз саломативу сарбаландӣ ва комёбиҳои рӯзафзун орзумандам!

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №1

**аз 12 ноябри соли 2021 ш. Душанбе**

## Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ

Бинобар дар таҳрири нав қабул кардани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела, татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ бо дастрасии моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи талаботи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Конститутсия ҶТ) ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳифзи меҳнат ҳуқуқ дорад.

Ин кафолатҳои конститутсионӣ бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ), дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таъмин карда мешаванд.

Ҳар кас ҳуқуқ дорад бе ягон табъиз ва маҷбуркунӣ меҳнатро озодона интихоб намояд ва ё ба меҳнат озодона ризоият диҳад, ба малакаи худ ба меҳнат ихтиёрдорӣ

кунад, касб ва самти фаъолиятро интихоб кунад (моддаи 5 КМ ҶТ).

2. Мутобиқи талаботи сархати якуми қисми 1 моддаи 24 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ ҶТ), моддаҳои 199 ва 201 КМ ҶТ парвандаҳо оид ба баҳсҳое, киаз муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ бармеоянд, ба судҳои юрисдиксияи умумӣ тобеияти идоравӣ доранд ва тибқи талаботи қисми 3 моддаи 47 КМГ ҶТ вобаста ба баҳсҳои барқарор кардан ба кор прокурор дар мурофиа иштирок намуда, хулоса медиҳад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи қабули аризаи даъвогӣ судя бояд муайян намояд, ки оё баҳси байни тарафҳо ба муносибатҳои меҳнатӣ мансуб аст, яъне аз муносибати байни корманд ва корфармо ба вуҷуд омада, тибқи КМ ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба танзим дароварда мешавад, инчунин оё ба ҳамин суд тобеият дорад ё не.

3. Бояд дар назар дошт, ки баҳсҳои зерин бевосита дар судҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд:

- оид ба радкунии корфармо барои қабул кардан ба кор (моддаи 23 қисми 2 КМ ҶТ);

- оид ба ғайриқонунӣ аз кор озод намудан ва ба кори дигар гузаронидани корманд (моддаи 54 КМ ҶТ);

- оид ба пардохт кардани вақти маҷбуран ба кор ҳозир нашудан, хароҷоти иловагӣ вобаста ба шикоят дар бораи ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан ё озод кардан аз кор, ҷуброни зарари маънавӣ (моддаи 55 КМ ҶТ);

- оид ба беэътибории шартномаи меҳнатӣ (моддаи 56 КМ ҶТ);

- оид ба амали (беамалии) корфармо, ки ба ҷамъоварӣ, коркард ва ҳифзи маълумотҳои шахсии корманд алоқамандӣ дорад (моддаи 58 КМ ҶТ);

- оид ба ҷуброни зарари моддии ба корфармо расонидашуда (моддаҳои 194,195 КМ ҶТ);

- оид ба ҷуброни зараре, ки роҳбар ба ташкилоти давлатӣ расонидааст (моддаи 196 КМ ҶТ);

- оид ба кор қабул накардани зани ҳомила, занон ё дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд ва кам кардани музди меҳнати онҳо (моддаи 225 КМ ҶТ);

- оид ба ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд (моддаи 343 КМ ҶТ).

Судҳо баҳсҳои меҳнатии фардиро дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун низ баррасӣ менамоянд. Ба ин категорияҳои парвандаҳо баҳсҳо оид ба тағйир ёфтани шароити меҳнат (моддаи 31 КМ ҶТ), ғайриқонунӣ аз кор дур кардани корманд (моддаи 50 КМ ҶТ) ва ғайра дохил мешаванд.

4. Аризаи даъвогӣ ба суд оид ба барқарор кардан ба кор дар муҳлати як моҳ аз рӯзи ба корманд супоридани нусхаи санади корфармо (фармон, фармоиш, қарор, амр) дар бораи қатъ карда шудани шартномаи меҳнатӣ, ё рӯзе, ки корманд аз гирифтани он саркашӣ намудааст, пешниҳод карда мешавад. Даст кашидан аз ҳозир шудан ба назди корфармо барои гирифтани нусхаи санади корфармо низ ба саркашӣ намудан аз гирифтани он баробар аст, ба шарте, ки дар ин хусус санади асоснок мавҷуд бошад. Санад дар шакли хаттӣ аз ҷониби корфармо ё намояндаи ӯ дар ҳузури шоҳидон тартиб дода шуда, муҳлати якмоҳаи мурочиат ба суд аз рӯзи даст кашидани корманд аз гирифтани нусхаи санади корфармо оғоз мегардад.

Аз рӯи дигар баҳсҳои меҳнатӣ мурочиат намудан ба суд дар муҳлати се сол аз рӯзи хабардор шудани корманд ё корфармо дар бораи вайроншавии ҳуқуқҳои худ муқаррар карда шудааст (сархати дуюми қисми 2 моддаи 201 КМ ҶТ). Баҳисобгирии муҳлати мурочиат ба суд барои корманд ва корфармо аз рӯзи хабардор шудани онҳо дар бораи вайроншавии ҳуқуқҳояшон оғоз мешавад.

5. Мувофиқи талаботи сархати якуми қисми 1 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва қисми 1 моддаи 91 КМГ ҶТ кормандон аз пардохти боҷи давлатӣ ҳангоми пешниҳоди даъво оид ба барқарор кардан ба кор, рӯёнидани музди миёнаи моҳона бароиҳамаи давраи ноилоҷ ба кор набаромадан ва дигар талаботе, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ бармеоянд озод мебошанд.

6. Судя ҳуқуқ надорад қабули аризаи даъвогиро ба мурофиаи суд бо сабаби гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд рад намояд. Инчунин қарори ради комиссияи созиш бинобар сабаби гузаронидани муҳлати мурочиат монеа шуда наметавонад.

Зимни омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, бояд дар назар дошт, ки мувофиқи талаботи қисми 6 моддаи 155 КМГ ҶТ норозигии ҷавобгар дар хусуси аз ҷониби даъвогар бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати муқаррарнамудаи қонун барои мурочиат ба суд мумкин аст дар маҷлиси пешакии судӣ баррасӣ гардад. Ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд судя бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул мекунад.

Агар пас аз таъини парванда ба муҳокимаи судӣ ҷавобгар дар хусуси аз ҷониби даъвогар бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд арз кунад,

ариза бо тартиби умумӣ аз ҷониби суд баррасӣ карда мешавад.

Хулосаи суд оид ба сабабҳои гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд бояд дар қисми асосноккунии ҳалнома оварда шавад. Ҳангоми рад кардани даъво бинобар бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд дар қисми асосноккунии ҳалнома метавонад танҳо ин ҳолатҳо зикр карда шавад.

7. Судҳо бояд талаботи қисми 2 моддаи 157 КМГ ҶТ-ро, ки тибқи он парвандаҳо дар хусуси барқарор намудан ба кор дар муҳлати на дертар аз як моҳ аз рӯзи қабули ариза баррасӣ ва ҳал мешаванд, дақиқан риоя намоянд.

8. Ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатӣ судҳо бояд талаботи моддаи 9 КМ ҶТ-ро, ки тибқи он амали Кодекси мазкур ба кормандон, аз ҷумла кормандони ташкилотҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда, ки соҳибони молу мулк, иштирокчиён ва ё саҳмдоронаш шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд ва ба корфармоён, аз ҷумла ба ташкилотҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда, ки соҳибони молу мулк, иштирокчиён ва ё саҳмдоронаш шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд, татбиқ мегардад, риоя намоянд.

Меҳнати вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяҳо, хизматчиёни давлатӣ, инчунин шахсонеро, ки дар хизмати ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дипломатӣ мебошанд КМ ҶТ бо хусусиятҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шарт ва тартиби махсуси дохил шудан ба хизмат, адои хизмат ва қатъи он, шароити махсуси меҳнат, пардохти музди меҳнат, инчунин имтиёзҳои иловагӣ, бартарият ва

маҳдудиятро муқаррар намудаанд, танзим мекунанд (моддаи 286, 287 КМ ҶТ).

9. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми баррасии баҳсҳо оид ба рад кардан аз қабул ба кор, ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имкониятро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст (моддаҳои 4, 7, 23 КМ ҶТ).

Ҳангоми баррасии ин гуна баҳсҳо, бо мақсади таъмини мутобиқатии манфиати корфармо ва шахсе, ки хоҳиши бастани шартномаи меҳнатӣ дорад, бо назардошти он ки тибқи талаботи сархати якуми қисми 1 моддаи 19 КМ ҶТ корфармо ҳуқуқи интихоби озод ҳангоми қабул ба корро дорад, ба истисноии баъзе гуруҳи шахсон, ки КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои онҳо имтиёз муқаррар кардаанд, аз ҷониби судҳо бояд ҳолатҳои зерин санҷида шавад:

- оё корфармо дар бораи ҷойҳои кории холӣ маълумот пешниҳод кардааст (мисол, маълумот дар бораи ҷойҳои холӣ ба мақомоти шуғли аҳолӣ);

- бо кадом сабабҳо барои қабул ба кор рад карда шудааст.

Беасос рад кардан аз қабул ба кор, ки талаботи қисми 1 моддаи 7 КМ ҶТ-ро вайрон мекунад, инчунин ба кор қабул накардани шахсони зерин ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад:

- шахсоне, ки аз тарафи корфармо ба кор даъват шудаанд;

- шахсоне, ки корфармо мутобиқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, бо онҳо шартномаи меҳнатӣ бандад (маъюбон ва шахсони синнашон аз ҳаждаҳ хурд, ки аз ҳисоби квотаи

муқарраргардида ба кор фиристода шудаанд, занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то сесола доранд, бо сабаби ҳомила ва ё кӯдак доштани онҳо) моддаи 23 КМ ҶТ.

Ба кор қабул накарданро ғайриқонунӣ эътироф намуда, суд доир ба қонеъ гардонидани даъво ҳалнома мебарорад ва корфарморо уҳдадор менамояд, ки бо даъвогар шартномаи меҳнатӣ бо нишон додани санаи он бандад. Барои шахсе, ки тариқи гузариш аз дигар муассиса ба кор даъват шудааст, шартномаи меҳнатӣ дар рӯзи якуми кории пас аз рӯзи озод намудани ӯ аз кори пештара (агар бо қарордоди тарафҳо дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд), бо дигар шахс бошад, аз рӯзи ба корфармо оид ба масъалаи ба кор қабул намудан муроҷиат карданаш, баста мешавад.

10. Новобаста аз он, ки парванда дар суд бо аризаи корманд ё корфармо, ки ба қарори комиссияи созиш норозӣ ҳастанд, оғоз карда шудааст, баҳси мазкур бо тартиби мурофиаи даъвогӣ баррасӣ карда мешавад.

11. Мутобиқи моддаи 26 КМ ҶТ шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ду нусха тартиб дода, аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Як нусхаи шартномаи меҳнатӣ ба корманд дода шуда, нусхаи дигарро корфармо маҳфуз медорад.

Ба кор қабул намудан дар асоси аризаи корманд ва бо санади роҳбари ташкилот ё шахси ваколатдори ӯ ба расмият даровarда мешавад. Санад ба корманд бо гузоштани имзо на дертар аз се рӯзи корӣ эълон карда мешавад. Ба кор қабул намудани кормандоне (кормандони хонагӣ ва хонакорон), ки дар назди шахсони воқеӣ кор мекунанд, тавассути бастани шартномаи меҳнатӣ, ки намунааш аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ тасдиқ мегардад, ба расмият даровarда мешавад.

Агар шартномаи меҳнатӣ бо гуноҳи корфармо баста нашуда ва ё ба расмият дароварда нашуда бошад, вале корманд ба кор шурӯъ карда бошад, дар ин ҳолат муносибатҳои меҳнатӣ аз рӯзи воқеан ба кор шурӯъ намудани корманд ба вуҷудомада ҳисобида мешаванд (қисми 9 моддаи 26 КМ ҶТ). Дар ҳолатҳои зикргардида корфармо вазифадор аст, ки муносибатҳои воқеан ба вуҷудомадаи меҳнатиро бо санади худ ё бастани шартномаи меҳнатӣ ба расмият дарорад.

12. Мувофиқи моддаи 25 КМ ҶТ шартномаи меҳнатӣ мумкин аст ба муҳлати номуайян, ба муҳлати муайян, вале на камтар аз як сол, ба истисноӣ ҳолатҳои баста шудани он барои иҷрои уҳдадориҳои корманди ҳозирнабуда, ки мутобиқи КМ ҶТ ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад, ба муҳлати иҷрои кори муайян ва барои иҷрои корҳои мавсимӣ баста шавад.

Бояд дар назар дошт, ки шартномаи меҳнатии муҳлатнок танҳо дар ҳолате баста шуданаш мумкин аст, ки агар бо назардошти хусусияти кори пешниҳодшуда ва шароити иҷрои он ё манфиати корманд, инчунин дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани шартнома ба муҳлати номуайян имконнопазир бошад.

Агар яке аз тарафҳо баъд аз ба охир расидани муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ дар давоми рӯзи охирини кор (баст) қатъ намудани муносибатҳои меҳнатиро талаб накунад, шартнома ба муҳлати номуайян басташуда ҳисоб карда мешавад.

13. Мувофиқи моддаи 30 КМ ҶТ ба кори дигари доимӣ гузаронидан (тағйир ёфтани вазифаи меҳнатии корманд), супоридани кор аз рӯи ихтисоси дигар, тахассус ва вазифаи дигар танҳо бо розигии корманд мумкин аст.

Супоридани коре, ки ҳангоми иҷрои он шароити меҳнати дар созиши тарафҳо муайяншуда моҳиятан тағйир меёбад ва бо сабабҳои асоснокгардидаи истеҳсолӣ, ташкилӣ, технологӣ ва иқтисодӣ алоқаманд намебошанд, низ ба дигар кор гузаронидан ҳисоб мешавад ва розигии кормандро талаб мекунад. Аз ҷумла, ба корманд супоридани коре, ки ҳангоми иҷрои он андозаи музди меҳнат, шартҳои додани музди меҳнат (андозаи миқдори маош ё маоши вазифавии корманд, пули иловагӣ, илова ба маош ва амсоли онҳо) имтиёзот, афзалият, тартиботи вақти корӣ, тартиботи меҳнат ва истироҳат тағйир меёбанд.

Барои дар худи ҳамон ташкилот ба кори дигар гузаронидан, ба дигар ташкилот гузаронидан ва ё ба маҳалли дигар, инчунин якҷоя бо ташкилот гузаронидан бояд розигии корманд ҳатман ба таври хаттӣ гирифта шавад.

Дар баробари ин, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки саркашӣ намудан аз иҷрои кор ҳангоми бо асосҳои қонунӣ ба кори дигар гузаронидан вайрон кардани интизоми меҳнат ва ба кор набаромадан, ҳамчун бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан дониста мешавад.

Ҳамзамон дар худи ҳамон ташкилот ба ҷойи кори дигар ва ё ба бахши таркибии ҳамон маҳал гузаронидан, дар доираи тахассус, дараҷаи ихтисос ё вазифа (мансаб) ва дигар дастгоҳ ё таҷҳизот кор супоридан, ки аз шарти шартномаи меҳнатӣ бармеояд ва дар айни замон шароити меҳнат моҳиятан тағйир намеёбад, ба кори дигар гузаронидан ба ҳисоб нарафта, розигии корманд гирифта намешавад. Корфармо ҳуқуқ надорад кормандро ба коре, ки ба вазъи саломатиаш мувофиқ нест, гузаронад.

Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунанда дар мақомоти давлатӣ ба кори дигар гузаронидан ҳисобида нашуда, бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати

касбии онҳо, пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ва бархӯрди манфиатҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад (қисми 5 моддаи 30 КМ ҶТ).

14. Агар давом додани кор аз рӯи уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар гардидааст, бо сабабҳои объективӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, имконнопазир бошад, корфармо уҳдадор аст, ба корманд кори дигареро, ки дар ташкилот мавҷуд аст, пешниҳод намояд. Ҳангоми аз тарафи корманд рад гардидани пешниҳоди гузариш ба кори дигар амали шартномаи меҳнатӣ метавонад бо асосҳои умумӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардад.

Ҳар як ҳолати ба кори дигар гузаронидан, тағйир додани ҷойи кори корманд, аз ҷумла, барои давраи кӯтоҳмуддат низ, бояд бо санади корфармо ба расмият дароварда, дар ин бора ба корманд хабар дода шавад.

Ҳамзамон ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳс оид ба кор барқарор намудани шахсе, ки ба дигар кор гузаронида шудаасту барои бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан, бинобар саркашӣ кардан аз шурӯъ намудани он озод карда шудааст, суд бояд қонунӣ будани худи ба кори дигар гузарониданро санҷида барояд.

Риоя накардани чунин тартиби ба кори дигар гузаронидан, аз як кор ба дигар кор гузаронидан барои корманд ягон хел уҳдадориҳоро ба вуҷуд намеорад. Аз ин рӯ, татбиқи ҷазои интизомӣ, аз ҷумла, барои бе сабабҳои узрнок ба ҷойи кор ҳозир нашудан аз кор озод намудани корманд ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

15. Ҳангоми баррасии баҳс оид ба тағйир додани шароити меҳнат аз ҷониби корфармо, бояд дар назар дошт, ки тибқи моддаи 31 КМ ҶТ тағйир додани шароити меҳнат

аз тарафи корфармо бе розигии корманд дар он сурат иҷозат дода мешавад, агар чунин тағйирот дар технология ва ташкили истеҳсолии меҳнат пешакӣ муқаррар шуда бошад.

Таҳти мафҳуми тағйир ёфтани шароити ташкилӣ ё технологии кор, масалан, тағйир ёфтани созмони ташкилии корфармо, ворид намудани технологияи нав ва монанди онҳо фаҳмида мешавад.

Корфармо уҳдадор аст кормандонро ҷиҳати дар оянда тағйирёбии шароити меҳнат на дертар аз ду моҳ ба таври хаттӣ огоҳ созад. Агар корманд дар шароити нави меҳнат ба идомаи кор розӣ набошад, пас шартномаи меҳнатӣ метавонад қатъ карда шуда, ба ӯ барои аз кор рафтан ба андозаи на камтар аз ду маоши миёнаи моҳона кумакпулӣ пардохт карда шавад.

Ҳангоми баррасии баҳс дар суд корфармо уҳдадор аст, исбот намояд, ки шароити меҳнатии пештараро нигох доштан имконнопазир аст, яъне тағйири шароити меҳнат дар натиҷаи тағйирот дар ташкили истеҳсолот ба амал омадааст, масалан, дар натиҷаи тағйирот дар техника ва технологияи истеҳсолот, такмили ҷойҳои корӣ дар асоси атестатсияи онҳо, азнавташкилкунии созмонии истеҳсолот.

16. Мувофиқи қисми 1 моддаи 41 КМ ҶТ корманд ҳуқуқ дорад ду ҳафта пештар корфарморо ба таври хаттӣ огоҳ намуда, шартномаи меҳнатиро, ки ба муҳлати номуайян баста шудааст, бекор кунад.

Баъд аз гузаштани муҳлати огоҳӣ корманд ҳуқуқ дорад корро қатъ намояд, корфармо бошад, уҳдадор аст ба корманд дафтарчаи меҳнатиашро тибқи қисми 5 моддаи 52 КМ ҶТ супорида, бо ӯ ҳисобӣ кунад.

Ҳангоми баррасии баҳсҳо оид ба бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд судҳо бояд ҳолатҳои зеринро ба инобат гиранд:

- бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд дар ҳолате раво аст, ки агар ӯ аризаи аз кор озод намуданро ба таври ихтиёрӣ ва озодона пешниҳод карда бошад. Агар даъвогар тасдиқ намояд, ки корфармо ӯро барои пешниҳод намудани ариза дар хусуси аз кор рафтан маҷбур кардааст, бояд ин ҳолат санҷида шуда, уҳдадории исботи он ба зиммаи корманд вогузор мегардад. Дар ҳолати тасдиқ шудани ваҷҳҳои даъвогар, даъво оид ба барқарор намудан ба ҷойи кори пештара қонеъ карда мешавад;

- корманде, ки корфарморо оид ба мақсади бекор кардани шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташуда ба таври хаттӣ огоҳ намудааст, ҳуқуқ дорад дар давоми муҳлати огоҳӣ аризаи худро бозпас гирад. Дар ин ҳолат аз кор озод кардан ба амал бароварда намешавад, агар ба ҷойи кори ӯ ба таври гузаронидан корманди дигар даъват нашуда бошад. Даъват намудани корманди дигар бояд ба таври хаттӣ сурат гирад;

- агар бо гузаштани муҳлати огоҳӣ шартномаи меҳнатӣ бекор нашуда бошад ва корманд қатъ намудани шартномаи меҳнатиро талаб накунад, амали шартномаи меҳнатӣ идомаёфта эътироф карда мешавад;

- корманд ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи меҳнатиро дар муҳлати хоҳишкардаи худаш талаб намояд, агар он ба имконнопазирии давом додани кор (қабул шудан ба муассисаҳои таълимӣ, ба нафақа баромадан, ба ҷойи дигар кӯчидан) вобаста бошад. Дар ин ҳолат корфармо бояд шартномаи меҳнатиро дар муҳлате, ки корманд хоҳиш намудааст, бекор кунад.

Ҳангоми баррасии баҳсҳо оид ба бекор намудани шартномаи муҳлатноки меҳнатӣ бо талаби корманд дар ҳолатҳои беморӣ ё маъюб шудани ӯ, бояд дар назар дошт, ки на танҳо бемории корманд ё маъюбии ӯ, балки вобаста

ба ин ҳолатҳо корро аз рӯи шартномаи меҳнатӣ иҷро карда натавонистани корманд исбот карда мешавад (қисми 5 моддаи 41 КМ ҶТ). Ин ҳолат бояд бо хулосаи мутахассисон тасдиқ карда шавад.

17. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо, уҳдадории исботи бо асосҳои қонунӣ ва риояи тартиби муқаррарнамудаи қонун бекор кардани шартномаи меҳнатӣ ба зиммаи корфармо вогузор карда мешавад. Дар баробари ин, бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар давраи корношоямии муваққатӣ (ба ғайр аз озодкунӣ мувофиқи сархати панҷуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ) ва дар давраи дар рухсатӣ ё сафари хизматӣ будани корманд, ба истисноҳои ҳолатҳои барҳам хӯрдани ташкилот, қатъ шудани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ, зани ҳомила, занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ кӯдаки то се сола ё кӯдаки маъюб доранд ба истисноИ ҳолати пешбининамудаи сархати якуми қисми 1 моддаи 42 Кодекси мазкур, ки дар ин сурат ба қатъи шартномаи меҳнатӣ баъд аз ҳатман бо кор таъмин кардани онҳо иҷозат дода мешавад, роҳ дода намешавад (қисми 4 моддаи 42, қисми 1 моддаи 215 КМ ҶТ);

- бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо пас аз пешакӣ, на дертар аз ду ҳафта, огоҳ намудани иттифоқи касабаи дахлдор ё дигар намояндагони кормандон сурат мегирад (қисми 1 моддаи 44 КМ ҶТ);

- ба кормандоне, ки бинобар намояндаи кормандон интихоб шуданашон аз фаъолияти истеҳсолӣ озод гардидаанд, пас аз ба итмом расидани ваколатҳои

интихобиашон ҷойи кори (вазифаи) пештараашон пешниҳод карда мешавад, агар чунин ҷойи кор мавҷуд набошад, ҷойи кори (вазифаи) ба он баробар дар ҳамон ташкилот пешниҳод мегардад (қисми 2 моддаи 294 КМ ҶТ).

Корфармо уҳдадор аст кормандро дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ, ки дар муҳлати номуайян баста шудааст, дар муҳлатҳои зерин ба таври хаттӣ огоҳ намояд:

- ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон на дертар аз ду моҳ;

- ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бинобар ба кори иҷро мекардааш мувофиқ набудани корманд аз сабаби нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатӣ на камтар аз як моҳ.

18. Ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани даъво оид ба кор барқарор намудани шахсоне, ки шартномаи меҳнатӣ бо онҳо бо асосҳои барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон (сархати якуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ) бекор карда шудааст, уҳдадории исботи ҳолатҳои барҳам хӯрдани ташкилот, қатъ ёфтани фаъолияти соҳибкор, ихтисори шумора ё штати кормандон ба ҷавобгар вогузор карда мешавад.

Дар ҳолати барҳам хӯрдани ташкилот асоси бекор кардани шартномаи меҳнатӣ инқарор оид ба барҳамдиҳии он бидуни ба шахси дигар ба тариқи ворисии ҳуқуқӣ гузаштани ҳуқуқу уҳдадориҳояш мегардад.

Дар сурати корфармо будани шахси воқеӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ҳангоми бо қарори худи шахси воқеӣ қатъ

гардидани фаъолият ба сифати соҳибкори инфиродӣ, бо қарори суд муфлис эътироф гардидани соҳибкори инфиродӣ (қисми 1 моддаи 26 КГ ҶТ), бинобар сабаби ба итмом расидани муҳлати амали шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, рад намудани дароз кардани иҷозат барои фаъолияти муайян шартномаи меҳнатӣ дар асоси сархати якуми қисми якуми моддаи 42 КМ ҶТ бекор карда мешавад.

Мувофиқи талаботи қисми 3 моддаи 42 КМ ҶТ бекор кардани шартномаи меҳнатӣ аз рӯи асосҳое, ки дар сархатҳои якум (ба ғайр аз барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ) ва дуюми қисми 1 моддаи мазкур, сархати дуюми моддаи 48 КМ ҶТ нишон дода шудааст, ба шарте роҳ дода мешавад, агар бо розигии корманд ба кори дигар гузаронидани ӯ имконнопазир бошад. Дар чунин ҳолат корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд ҷойҳои кории холии мавҷударо, ки ба талаботи ҷойи кории қаблӣ ҷавобгӯ ва дар ҳамин маҳал ҷойгир мебошанд, пешниҳод намояд. Ҳангоми ҳалли масъалаи ба кори дигар гузаронидани корманд бояд имконияти воқеии корманд барои иҷрои кори ба ӯ пешниҳодшуда бо назардошти маълумот, малакаи касбӣ ва таҷрибаи корӣ ба назар гирифта шавад.

Агар корманд ваҷҳ пешниҳод намояд, ки корфармо ин талаботи қонунро риоя накардааст, корфармо уҳдадор аст исбот кунад, ки талаботи қонун иҷро шуда, корманд ба кори дигар гузаштанро рад кардааст ё ин ки корфармо имконияти ба кори дигар дар ҳамин ташкилот бо розигии ӯ гузарониданро надоштааст.

Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманд бинобар сабаби ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории корманд дар он ҳолат мумкин аст, ки ӯ ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор

монданро надошта (моддаи 43 КМ ҶТ), аз ҷониби корфармо ба таври хаттӣ на дертар аз ду моҳ оид ба аз кор озод намудан огоҳ шудааст (сархати якуми қисми якуми моддаи 45 КМ ҶТ).

Агар муқаррар карда шавад, ки бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманд вобаста ба ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории корманд бо вайрон намудани талаботи моддаи 43 КМ ҶТ ба амал омадааст, суд бекор кардани шартномаи меҳнатиро ғайриқонунӣ ҳисобида, талаби кормандро оид ба барқарор намудан ба ҷойи кори пештара қонеъ менамояд.

Дар сурати дар огоҳинома оид ба бекор кардани шартномаи меҳнатӣ мавҷуд набудани имзои корманд, суд метавонад кормандро сари вақт оид ба қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ огоҳшуда эътироф кунад, ба шарте ки корфармо исбот кунад, ки корманд дар муҳлати муқарраршуда бо огоҳинома шинос карда шудааст, вале аз имзо гузоштан ба он даст кашидааст. Ба сифати чунин далел мумкин аст санад дар бораи даст кашидани корманд аз гирифтани огоҳинома, ки шоҳидон имзо гузоштаанд, пешниҳод карда шавад.

Дар сурате, ки агар корманд аз кор бо сархати якуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ то ба охир расидани муҳлати огоҳӣ бидуни розигии ӯ озод шуда бошад ва дар вақти баровардани ҳалнома ин муҳлат ба охир расида бошад, он гоҳ ҳангоми мавҷуд набудани асосҳои бо дигар сабабҳо ба кор барқарор кардани корманд, суд санаи аз кор озод намуданро мутаносибан ба рӯзи ба охир расидани огоҳӣ тағйир дода, масъалаи ба корманд рӯёнидани музди меҳнатро дар ин давра муҳокима мекунад.

19. Дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ асосҳои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо бинобар иваз шудани соҳибмулк, ҳангоми

ошкор гардидани номувофиқатии корманд ба вазифаи (мансаби) ишғолкардааш ё кори ичро мекардааш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатиаш, ки барои давом додани ҳамин кор халал мерасонад, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад, пешбинӣ шудааст.

Бояд дар назар дошт, ки иваз шудани соҳибмулки ташкилот набояд ҳамчун барҳам хӯрдани ташкилотҳисобида шавад ва он боиси қатъ шудани муносибатҳои меҳнатӣ намегардад. Ҳангоми иваз шудани соҳибмулки ташкилот муносибатҳои меҳнатӣ бо розигии корманд давом дода мешаванд (қисми 1 моддаи 38 КМ ҶТ).

Таҳти мафҳуми иваз шудани соҳибмулки ташкилот гузариши ҳуқуқи моликият ба молу мулки ташкилот аз як шахс ба шахси дигар, аз ҷумла, дар сурати хусусигардонии моликияти давлатӣ - фаъолияти аз тарафи давлат мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда оид ба додани молу мулки таҳти моликияти давлатӣ қарордошта ба моликияти хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ»), дар асоси шартномаи хариду фурӯш, иваз, туҳфа кардан ё дигар аҳдҳои аз ихтиёрдорӣ баровардани молу мулк ба даст овардани ҳуқуқи соҳибмулкӣ (қисми 2 моддаи 242 КГ ҶТ) фаҳмида мешавад.

Соҳибмулки нав ҳуқуқ дорад дар давоми 6 моҳ аз рӯзи пайдо кардани ҳуқуқи моликият шартномаи меҳнатиро мувофиқи қисми 2 моддаи 38 КМ ҶТ бо роҳбарони ташкилот ва кормандон, ки вазифаҳои умумии

идоракуниро дар ташкилот иҷро мекунанд, аз нав бандад ё бекор кунад.

Бо ташаббуси корфармо қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо кормандони дигар бошад, танҳо бо асосҳои пешбининамудаи КМ ҶТ ва бо риояи кафолатҳои барои кормандон муқарраргардида мумкин аст.

Дар ин маврид аз тобеияти як мақомот ба тобеияти мақомоти дигар гузаштани ташкилот боиси қатъ гардидани амали шартномаи меҳнатӣ намегардад (қисми 2 моддаи 38 КМ ҶТ).

20. Суд ҳангоми баррасии даъво оид ба кор барқарор намудани шахсе, ки бо асосҳои ошкор гардидани номувофиқатии ӯ ба вазифаи (мансаби) ишғолкардааш ё кори иҷро мекардааш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатиаш, ки барои давом додани ҳамин кор халал мерасонад аз кор озод карда шудааст ва агар ин ҳолат дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад,бояд ҳолатҳои зеринро ба назар гирад:

- номувофиқатии корманд ба вазифаи ишғолкардааш ё кори иҷро мекардааш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос бояд бо натиҷаи аттестатсия, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат мебошанд, баргузор гаштааст, тасдиқ карда шавад;

- хулосаи комиссияи аттестатсионӣ оид ба сифатҳои кории корманд, ки яке аз далелҳои нокифоягии ихтисос ба ҳисоб меравад, бояд дар маҷмуъ бо дигар далелҳои парванда баҳо дода шавад. Бо назардошти он, ки аттестатсияи категорияи алоҳидаи кормандон дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ муқарраршуда (аттестатсияи ҳатмӣ) ё бо санадҳои меъёрии дохилӣ пешбининамуда (аттестатсия бо ташаббуси корфармо) гузаронида мешавад, бояд риояи

тартиби муқарраршудаи гузаронидани аттестатсия низ аз ҷониби суд санҷида шавад;

- кормандро бо сабаби вазъи саломатӣ, ки барои давом додани вазифаи ишғолкардааш халал мерасонад ва ин ҳолат бо хулосаи тиббӣ тасдиқ мешавад, танҳо дар ҳолате, аз кор озод намудан мумкин аст, ки агар ӯ маҳз аз уҳдаи иҷрои коре, ки ӯ бояд мувофиқи шартномаи меҳнатии басташуда иҷро мекард, набарояд.

- худ аз худ бад шудани саломатии корманд, ки бо хулосаи тиббӣ тасдиқ карда шудааст, аз он ҷумла, ба ӯ муқаррар кардани маъюбӣ низ, агар дар ин маврид корманд аз уҳдаи кори супоридашуда барояд, барои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо сархати дуюми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ асоси кофӣ шуда наметавонад. Дар баробари ин, қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ аз рӯи номувофиқатӣ дар натиҷаи вазъи саломатӣ, новобаста аз он, ки корманд аз уҳдаи кори иҷро мекардааш мебарояд ё не, танҳо дар ҳолате мумкин аст, ки агар мувофиқи хулосаи тиббӣ иҷрои кори мазкур ба корманд манъ ё барои аъзои коллективи меҳнатӣ ё ин ки ба шаҳрвандони ба онҳо хизматмерасонида хатарнок бошад;

-агар имконияти кормандро бо хоҳиши ӯ ба кори дигар гузаронидан набошад, ӯро аз кор озод кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат корфармо бояд далели барои ба кори дигар гузаронидан норозӣ будани корманд ва ё имконнопазир будани гузаронидани корманд ба кори дигарро (мавҷуд набудани ҷойи кории холӣ) исбот намояд.

21. Ҳангоми баррасии даъвоҳо оид ба кор барқарор намудани корманде, ки бо сархати сеюми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ (бе сабабҳои узрнок уҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи корманд гузоштааст, мунтазам иҷро накардани ӯ, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои

интизомӣ татбиқ шуда бошанд) аз кор озод карда шудааст, бояд ба назар гирифта шавад, ки вайронкунии интизоми меҳнат ин бо гуноҳи корманд иҷро накардан ё бо таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатие мебошад, ки ба ӯ бо шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат (вайрон намудани дастурамалҳо, низомномаҳои мансабӣ, фармонҳои корфармо, қоидаҳои техникӣ ва ғайра) вогузор карда шудааст.

Саркашӣ намудани корманд аз иҷрои коре, ки ӯ ғайриқонунӣ ба он гузаронида шудааст, аз давом додани кор дар шароити нави меҳнат, аз иҷрои амри корфармо оид ба масъалаҳое, ки мувофиқи қонунгузорӣ ё дигар санадҳои меъёрии марбут ба меҳнат фақат бо розигии корманд ҳал карда мешаванд (рад намудани иҷрои талаби корфармо оид ба аз рухсатӣ бозхондан, ба кори шабона, изофакорӣ ва ба кор бо усули вахтавӣ ҷалб намудан, инчунин ба сафари хизматӣ фиристонидани заноне, ки кӯдаки то синни чордаҳ доранд, инчунин дигар шахсоне, ки кӯдаки то синни чордаҳро бе модар тарбия мекунанд, кормандоне, ки аъзои бемори оиларо нигоҳубин мекунанд ё кӯдакони маъюбро тарбия менамоянд, агар аъзои бемори оила ва кӯдакони маъюб дар асоси хулосаи тиббӣ ба нигоҳубини доимӣ эҳтиёҷманд бошанд ва ғайраҳо) вайронкунии уҳдадориҳои меҳнатӣ ҳисобида намешавад.

Таҳти мафҳуми мунтазам вайрон намудани интизоми меҳнат аз ҷониби корманд такроран вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ дар давраи амали ҷазои интизомии ба ӯ татбиқшуда фаҳмида мешавад (моддаи 1 КМ ҶТ).

22.Ҳангоми баррасии баҳсҳои ба кор барқарор намудани шахсоне, ки бо асосҳои дар боло зикршуда аз кор озод шудаанд, судҳо бояд дурустии таъин намудани ҷазоҳои интизомиро, ки корфармо ҳангоми аз кор озод намудан ба асос гирифтааст, санҷиш намоянд.

Агар дар рафти мурофиаи судӣ муқаррар карда шавад, ки ҷазои интизомӣ бо вайрон намудани қонун таъин шудааст, ин хулосаи суд бояд дар ҳалнома бо ишора ба меъёрҳои мушаххаси қонун, ки риоя нашудаанд, асоснок карда шавад.

Дар сурати пеш аз муҳлат бекор кардани ҷазои интизомӣ ё гузаштани муҳлати амали ҷазои интизомӣ аз кор озод намудани корманд дар асоси сархати сеюми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТмумкин нест.

Доир ба парвандаҳо дар бораи барқарор намудан ба ҷойи кор бо асоси зикршуда ҷавобгар уҳдадор аст далелҳоеро, ки ҳолатҳои зеринро тасдиқ менамоянд, ба суд пешниҳод намояд:

- қонунвайронкунии корманд воқеан ҷой дошт ва барои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ асос шуда метавонад;

- корфармо муҳлати татбиқи ҷазои интизомиро, ки дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 64 КМ ҶТ муқаррар шудааст, риоя кардааст.

Дар баробари ин ҳолатҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

- муҳлати якмоҳаи татбиқи ҷазои интизомӣ бояд аз рӯзи ошкор шудани кирдори интизомӣ ҳисоб карда шавад;

- рӯзи ошкор шудани кирдори интизомӣ, ки аз он ҷараёни муҳлати якмоҳа оғоз мегардад, рӯзе ба ҳисоб меравад, ки шахсе, ки корманд аз ҷиҳати кор (хизмат) дар тобеияти ӯ қарор дорад, аз содир шудани кирдори интизомӣ огоҳ гардидааст, новобаста аз он ки ин шахс ҳуқуқи татбиқи ҷазои интизомиро дорад ё не;

- вақти татбиқи муҳлати ҷазои интизомӣ ҳангоми дар кор ҳузур надоштан бинобар корношоямии муваққатӣ, озод будан аз кор барои иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, дар рухсатӣ ва сафари хизматӣ будани корманд

боздошта мешавад (қисми 3 моддаи 64 КМ ҶТ). Дар давраи ғоиб будани корманд дар ҷойи кор бо асосҳои дигар, аз ҷумла бинобар сабаби истифодаи вақти дамгирӣ (мисол ҳангоми ташкили кор бо усули вахтавӣ) новобаста аз давомнокии он ҷараёни ин муҳлат боздошта намешавад;

- ба рухсатие, ки ҷараёни якмоҳаро бозмедорад бояд ҳамаи рухсатиҳое, ки ба корманд мутобиқи қонунгузории амалкунанда пешниҳод мешаванд, аз ҷумла рухсатии ҳарсола (асосӣ ва иловагӣ), рухсатии музднок барои таҳсил, рухсатии бемузди меҳнат, дохил карда шавад.

Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи қонун аз рухсатии меҳнатӣ бозхондан танҳо бо розигии корманд мумкин аст (қисми 2 моддаи 111 КМ ҶТ), бинобар ин аз ҷониби корманд рад намудани амри корфармо бобати то ба итмом расидани муҳлати рухсатӣ ба кор баромадан ҳамчун бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан ҳисобида намешавад.

23. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба кор барқарор намудани шахсоне, ки бо сархати чоруми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ аз кор озод карда шудаанд, судҳоро зарур аст, ба назар гиранд, ки бо асоси зикршуда танҳо кормандонеро, ки бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудаанд, аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3 соат дар ҷойи кор ҳозир набудан, аз кор озод кардан мумкин аст.

Таҳти мафҳуми дар ҷойи кор набудани корманд, дар вақти корӣ берун аз ҳудуди ҷойи корӣ қарор доштани корманд, фаҳмида мешавад. Бинобар он ки на ҳама гуна набудан дар ҷойи кор ҳамчун бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан ҳисобида мешавад, судҳо бояд сабабҳои воқеии ғоиб будани кормандро муайян намоянд.

Корманд инчунин барои бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан дар ҳолатҳои зерин аз кор озод карда мешавад:

- бе сабабҳои узрнок, бе огоҳ намудани корфармо, инчунин то ба итмом расидани муҳлати дуҳафтаинаи огоҳӣ қатъ намудани кор аз ҷониби корманде, ки шартномаи меҳнатиро ба муҳлати номуайян бастааст (қисми 1 моддаи 41КМ ҶТ);

- бе сабабҳои узрнок то ба итмом расидани муҳлати шартнома ё ба итмом расидани муҳлати огоҳӣ дар бораи пеш аз мухлат қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ қатъ намудани кор аз ҷониби корманде, ки шартномаи меҳнатиро ба муҳлати муайян бастааст (сархати чоруми қисми 1 моддаи 39, қисми 5 моддаи 41, моддаи 283, қисми 1 моддаи 242 КМ ҶТ);

- истифодаи худсаронаи вақти дамгирӣ, инчунин худсарона баромадан ба рухсатии меҳнатӣ (асосӣ, иловагӣ). Бояд ҳатман ба назар гирифта шавад, ки истифодаи вақти дамгирӣ аз тарафи корманд, дар ҳолате, ки корфармо бархилофи талаботи қонун пешниҳоди онро рад кардааст ва вақти истифодаи онҳо аз корфармо вобастагӣ надорад (масалан, мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 130 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзи супоридани хун, ҷузъҳои он ва муоинаи тиббӣ кормандоне, ки донори хун мебошанд, аз ҷониби корхонаву муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо бо нигоҳдории маблағи миёнаи музди меҳнат ҷавоб дода мешаванд) ҳозир нашудан ба кор бе сабабҳои узрнок ҳисобида намешавад.

Агар корманди бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозирнашуда то рӯзи баромадани фармони аз кор озод намудан кор накарда бошад, он гоҳ муносибатҳои меҳнатӣ бо ӯ аз рӯзи якуми ба кор набаромаданаш қатъ карда мешавад.

Ҳангоми баррасии баҳсҳо дар бораи ба кор барқарор намудан ва пардохти музди миёнаи моҳона барои давраи ноилоҷ ба кор набаромадани корманде, ки барои бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашуданаш шартномаи меҳнатӣ бекор карда шудааст, муайян гардад, ки набудан дар ҷойи кор бе сабабҳои узрнок буда, корфармо тартиби қатъ намудани шартномаи меҳнатиро вайрон кардааст, суд дар сурати қонеъ намудани талабот музди миёнаи моҳонаи кормандро аз рӯзи баровардани фармони аз кор озод намудан меруёнад, зеро танҳо аз ин вақт ба кор ҳозир нашудан маҷбурӣ мебошад.

24. Тибқи талаботи сархати панҷуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ, бе ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷойи корро (вазифаро) ҳангоми бемории муайян муқаррар накарда бошад, асос барои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо мегардад. Ба кормандоне, ки бо сабаби осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ қобилияти меҳнатиашонро гум кардаанд, то барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё муқаррар гардидани маъюбӣ ҷойи кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад, агар аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати дарозтар барои нигоҳдории ҷойи кор ҳангоми бемории муайян муқаррар нашуда бошад.

Қонунгузор дигар ҳолатҳои узрнокро ҳангоми ҳисоб кардани муҳлати чормоҳаи бефосилаи корношоямии муваққатӣ ба инобат намегирад. Дар баробари ин қонунгузор имконияти нигоҳ доштани ҷойи корро ҳангоми бемории муайян истисно намекунад.

25. Зимни баррасии баҳсҳо вобаста ба бекор кардани шартномаи меҳнатӣ дар асоси сархати шашуми қисми 1

моддаи 42 КМ ҶТ (дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор), судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо ин асос кормандоне аз кор озод карда мешаванд, ки дар вақти корӣ, дар ҷойи иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиашон дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда бошанд. Дар баробари ин, аҳамият надорад, ки корманд бо асосҳои зикршуда аз кор дур карда шудааст ё не. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки бо ҳамин асос аз кор озод намудан дар ҳолате низ ҷой дошта метавонад, ки агар корманд дар вақти корӣ дар чунин ҳолат дар ҷойи кории худаш набуда, дар ҳудуди ташкилоти мазкур ё ин ки дар ҳудуди объекте, ки бо супориши корфармо бояд вазифаҳои меҳнатиашро иҷро мекард, қарор дошта бошад.

Ҳолати мастии корманд бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда бо хулосаи тиббӣ, инчунин бо далелҳое дигаре, ки аз ҷониби суд баҳо дода шудаанд, тасдиқ карда мешавад.

26. Ҳангоми баррасии баҳсҳо дар бораи ба кор барқарор кардани шахсоне, ки шартномаи меҳнатӣ бо онҳо дар асоси сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ бекор карда шудааст, судҳо бояд ба назар дошта бошанд, ки бо чунин асос кормандоне аз кор озод карда мешаванд, ки тасарруфи (аз он ҷумла майдадуздии) молу мулки ғайр, исрофкорӣ, барқасдона несту нобуд ва вайрон кардани онро дар ҷойи кор содир намудаанд ва гуноҳи онҳо бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд ё қарори судя, мақомот, шахси мансабдор, ки дорои ваколати баррасии

парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд, муқаррар карда шудааст.

Зери мафҳуми молу мулки ғайр ҳама гуна молу мулке фаҳмида мешавад, ки ба корманди мазкур тааллуқ надорад, аз он ҷумла молу мулки корфармо, кормандони дигар, инчунин шахсоне, ки корманди ташкилоти мазкур намебошанд.

Муҳлати муқарраршудаи якмоҳа барои татбиқ намудани ҷазои интизомӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд ё қарори судя, мақомот, шахси мансабдор, ки дорои ваколати баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд, ҳисоб карда мешавад.

27. Дар сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ аз тарафи корманд содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, ки дар асоси санади судӣ имконияти минбаъд давом додани корро истисно менамояд, ҳамчун асоси бо ташаббуси корфармо бекор кардани шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст.

Зери мафҳуми ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» оварда шудааст, ҳуқуқвайронкуниҳои бо Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишудае, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд оварда, аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд содир шуда, боиси ҷавобгарии бо қонунгузорӣ муқарраршудаи интизомӣ, маъмурӣ, гражданӣ ва ҷиноятӣ мегарданд.

Бо асоси пешбининамуда аз кор озод намудани корманд, танҳо ҳангоми мавҷуд будани санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ мумкин аст.

28. Ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳо бо асоси сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 42

КМ ҶТ, яъне озод намудани корманд барои иштирок дар корпартоии ғайриқонунӣ ва манъшуда бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- бо санади судӣ корпартоӣ ғайриқонунӣ эътироф гардидааст ё манъ карда шудааст;

- ба маълумоти корманд (эълон кардани санади судӣ ва бо дигар роҳҳо) расонидани санади судӣ дар бораи ғайриқонунӣ эътироф шудани корпартоӣ ё манъи он;

- аҳамияти муҳим доштани маълумот дар бораи эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ ё иҷро шудани он.

Парвандаҳо дар бораи ғайриқонунӣ эътироф кардани корпартоӣ ё манъи он аз рӯи талаботи қонунгузорӣ (моддаҳои 24, 26 КМГ ҶТ) таҳти тобеияти судҳои юрисдиксияи умумӣ қарор доранд ва бо тартиби мурофиаи даъвоӣ баррасӣ мегарданд.

Муҳлати эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ ҳам ба тарафҳои шартномаи меҳнатӣ ва ҳам ба ташкилкунандагони корпартоӣ оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад. Дар ин маврид ташкилкунандагони корпартоӣ бояд иттилоотро дар бораи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судиро ба кормандон расонанд ва пас аз ин корманд бояд аз давом додани иштирок дар корпартоии ғайриқонунӣ ё корпартоии манъшуда даст кашида, ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш шурӯъ кунад.

Танҳо баъд аз иҷро кардани талаботи зикргардида, агар корманд иштироки худро дар корпартоии ғайриқонунӣ ва манъшуда давом диҳад, он гоҳ шартномаи меҳнатӣ бо ӯ бо асоси пешбининамудаи сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ аз ҷониби корфамо бекор карда мешавад.

29. Тибқи талаботи сархати даҳуми қисми якуми моддаи 42 КМ ҶТ асоси аз кор озод намудани корманд

қатъ гардидани иҷозати корманд ба сирри давлатӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мегардад.

Мутобиқи моддаи 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» рухсат ба сирри давлатии қаблан ба шахси мансабдор ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда, бо қарори роҳбари мақоми давлатӣ ё ташкилот ҳангоми вайрон кардани уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи ӯ вобаста ба ҳифзи сирри давлатӣ, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудаанд, қатъ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, талаботи зикршуда танҳо ба кормандоне дахл дорад, ки рухсат (иҷозат) ба сирри давлатиро доранд ва ин ҳолат бевосита дар шартномаи меҳнатӣ дарҷ гардида бошад. Инчунин талаботи мазкур ба корманде, ки фаъолияти меҳнатиаш бевосита ба маълумоти сирри давлатӣ алоқаманд аст, паҳн мегардад.

30. Дар асоси сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ шартномаи меҳнатӣ бо роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо пешбинишуда, роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо барои вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст, бекор карда мешавад.

Дар ин маврид, агар шахсони номбурда ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба корфармо бо ҳаракати (беҳаракатӣ) гунаҳгорона зарари моддӣ расонидаанд, байни ҳаракат (беҳаракатӣ) ва зарари моддӣ бояд алоқаи сабабӣ ҷой дошта бошад. Ҳаракати шахсони зикргардида дар шакли қабули қарор, додани супоришҳои беасос ва ғайра ифода меёбад.

31. Тибқи талаботи сархати дувоздаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ асоси аз кор озод кардани корманд сабаби аз ҷониби ӯ рад кардани гузаштан аз муоинаи тиббӣ барои муқаррар намудани воқеияти ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда мегардад.

Дар ин маврид воқеияти саркашӣ кардани корманд аз гузаштани муоинаи тиббӣ бо санади тартибдодаи корфармо, баёноти шоҳидон, ҳамкорон ва дигар далелҳо тасдиқ карда мешавад.

32. Дар сархати сездаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ бо ташаббуси корфармо аз кор озод кардани корманд ҳангоми аз тарафи ӯ (корманд) вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ё бехатарӣ аз сӯхтор ва ё ҳаракат дар нақлиёт, ки боиси оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат ва садама гардидаанд ё метавонад гарданд.

Мутобиқи талаботи моддаи 1 КМ ҶТ таҳти мафҳуми қоидаҳои ҳифзи меҳнат - санади меъёрии ҳуқуқии дорои талабот оид ба ҳифзи меҳнат, ки иҷрои он барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳангоми машғул шудан ба намуди фаъолиятимуайян, аз ҷумла, ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодаи иншоот, ихтирои мошин, механизм ва таҷҳизоти дигар, таҳияи равандҳои технологӣ, ташкили истеҳсолот ва меҳнат ҳатмӣ мебошад, фаҳмида мешавад.

Қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ба танзим дароварда мешавад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ шартҳои махсуси техникии қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхторро баҳри таъмини бехатарӣ аз сӯхтор муқаррар менамояд.

Ба системаи нақлиёт - нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обӣ дохил мегарданд. Дар асоси талаботи қисми 1 моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи ҳаракат дар роҳ» барои ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард ба воситаи нақлиёте иҷозат дода мешавад, ки сохт (конструксия) ва ҳолати техникиашон ба талаботи муқаррарнамудаи қоидаҳои байнидавлатии соҳавӣ, меъёрҳо ва стандартҳо ҷавобгӯй буда, аз санҷиш, қайд ва муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ гузашта ва бо тартиби муқарраршуда суғурта шуда бошанд. Воситаҳои нақлиёт бояд ба талаботи бехатарӣ, меъёрҳои тиббию санитарӣ, ҳифзи меҳнат ва экология, ки бо стандартҳои байналмилалӣ, давлатӣ ва регламентҳои техникӣ дар соҳаи нақлиёт муқаррар шудаанд мутобиқ буда, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаронида шаванд.

Корманд барои ҳуқуқ ба идораи воситаи нақлиёт доштан бояд соҳиби ихтисосу вазъи саломатии муайян ва ҳуҷҷати муқарраргардида бошад.

Ҳамон вақт корманд аз кор озод карда мешавад, ки агар ӯ ҳатто яке аз се намуди қоидаҳои зикргардидаро вайрон карда бошад, ки боиси оқибатҳои вазнин ва ё сабаби он (фавтидани одамон, зарар дидани саломатии мусофир, садамаи технологӣ, таркиш ва монанди онҳо), аз ҷумла, ҷароҳат ва садама гаштааст, яъне, ба ғайр аз зарари воқеӣ, инчунин таҳдиди ба вуҷуд омадани оқибатҳои вазнин низ дар назар дошта шудааст.

Ҳар се намуди қоидаҳои номбурда дар мавриди аз ҷониби корманд дар алоҳидагӣ вайрон карда шудан асоси мустақили бекор кардани шартномаи меҳнатӣ мегарданд.

Дар сурате, ки қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби шахси мансабдор вайрон карда шавад, он гоҳ асоси бекор кардани шартномаи меҳнатӣ тағйир меёбад ва асоси дахлдоре, ки КМ ҶТ пешбинӣ кардааст, татбиқ карда мешавад.

33. Аз ҷониби корманд паҳн кардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум шудаанд, асос барои аз кор озод кардани ӯ дар асоси сархати чордаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ мегардад.

Тибқи талаботи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» корманде, ки ба сирри давлатӣ рухсат дода шудааст, уҳдадор аст сирри давлатиро, ки ба ӯ бовар карда мешавад ё вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ аз он хабардор мегардад, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ифшо намояд.

Ба сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда вобаста аз самти фаъолият сирри тиҷоратӣ, адвокатӣ, нотариалӣ, тиббӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Фош кардани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда бо муносибатҳои меҳнатӣ (хизматӣ) бояд алоқаманд бошад. Дар ин маврид аз ҷониби корфармо масъалаи огоҳ кардани корманд дар бораи фош накардани сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда бояд пешакӣ ҳал карда шавад.

Корманд уҳдадор аст, маълумоти дорои сирри давлатӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро, ки бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба ӯ маълум гардидааст, фош накунад. Масалан, тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони тиббӣ ва фарматсевтӣ уҳдадоранд сирри тиббӣ (иттилоот вобаста ба вазъи саломатӣ, дар бораи ташриф ба муассисаи тандурустӣ) ва дигар маълумоти хусусияти шахсӣ доштаро нигоҳ доранд.

Аз ин рӯ, уҳдадории дар боло зикргардидаи корманд ҳамчун яке аз шартҳо ба шартномаи меҳнатӣ дохил карда мешавад. Дар ин маврид, корфармо вазифадор аст барои

нигаҳдории маълумоти сирри бо қонун ҳифзшаванда ба корманд шароит фароҳам оварад ва корманд уҳдадор мешавад қоидаҳои нигаҳдории ин сирро бечуну чаро риоя кунад.

34. Бо шахсони дар якчанд ҷой коркунанда муносибатҳои меҳнатиро бо асосҳои умумие, ки мутобиқи онҳо ҳама гуна кормандро аз кор озод кардан раво мебошад, қатъ кардан мумкин аст.

Дар баробари ин бо чунин кормандон шартномаи меҳнатӣдар асоси сархати понздаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ бекор карда мешавад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста бо баҳсҳои аз кор озод намудани корманд судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо шахси дар якчанд ҷой коркунанда танҳо дар сурате раво мебошад, агар ба ҷойи ӯ ба ҳамин кор корманде қабул карда шавад, ки барои ӯ ин кор асосӣ бошад, ё ин ки дар ташкилоти мазкур ба корҳои дар якчанд ҷой кор кардан, маҳдудият ҷорӣ карда шудааст. Ин ҳолатҳо бояд аз тарафи суд санҷида ва бо таври саҳеҳ муқаррар карда шаванд.

35. Тибқи сархати шонздаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ шартномаи меҳнатӣ мумкин аст аз ҷониби корфармо бо роҳбарони ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони онҳо барои вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шавад.

Таҳти мафҳуми вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи қонунгузории меҳнат, аз ҷумла, занони ҳомиларо ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ, изофакорӣ ҷалб намудан, ба сафари хизматӣ фиристонидан, инчунин онҳоро аз рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда бозхонд намудан, дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарноку

хатарнок, истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, инчунин дар корҳое, ки иҷроишашон ба саломатӣ ва инкишофи маънавии онҳо зарар мерасонад, аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони онҳо иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки ба шахсони мазкур бо шартномаи меҳнатӣ вогузор карда шуда, боиси расонидани зарар ба саломатии кормандон ва ё расонидани зарари моддӣ ба ташкилот гардидааст, фаҳмида мешавад.

Ҳолати дағалона будани қонунвайронкунии роҳдодашуда, аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси ҳар як парванда ва оқибатҳое, ки боиси ин ҳаракатҳои роҳбарони ташкилот ё муовинони онҳо гаштаанд ё метавонистанд боиси он шаванд, ҳал карда мешавад. Ҳамзамон уҳдадории исботи воқеан ҷой доштани чунин вайронкунӣ ва хусусияти дағалона доштани он ба зиммаи корфармо вогузор карда мешавад.

36. Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи ба кор барқарор намудани шахсоне, ки шартномаи меҳнатӣ бо онҳо бинобар аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои гум шудани боварии корфармо нисбат ба ӯ асос мегардад, бекор карда шудааст, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо сархати ҳабдаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ танҳо кормандоне, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунанд (қабул, нигоҳдорӣ, интиқол, тақсимкунӣ ва ғайра) ва кирдори гунаҳгоронае содир намудаанд, ки барои нисбат ба онҳо гум шудани боварии корфармо асос мегарданд, аз кор озод карда мешаванд.

Ба чунин кирдорҳо, аз ҷумла, гирифтани музд барои хизмат бе ҳуҷҷатҳои дахлдор, фурӯхтани молҳо бевосита аз анбор, биноҳои ёрирасон, гирифтани музд барои хизмат

ё мол бе барасмиятдарории дахлдор, камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул ва монанди онҳо мансуб дониста мешавад.

Ҳангоми муайян намудани ҳолати содир кардани тасарруф, порагирӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ғаразнок кормандони мазкур бо асоси гум шудани боварӣ нисбат ба онҳо дар ҳолатҳое низ аз кор озод карда мешаванд, ки кирдорҳои зикршуда ба кори онҳо алоқаманд намебошад.

37. Зимни баррасии даъвоҳои ба кор барқарор намудани шахсоне, ки шартномаи меҳнатиашон бинобар аз ҷониби онҳо содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор мувофиқ намебошад, қатъ шудааст, судҳо бояд онро дар назар дошта бошанд, ки бо чунин асос бекор кардани шартномаи меҳнатӣ танҳо бо кормандони ба фаъолияти тарбиявӣ машғулбуда, масалан, мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва ғайра иҷозат дода мешавад.

Содир намудани рафтори бадахлоқона на танҳо дар ҷойи кор, балки дар дигар ҷой (дар оила, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ) низ асос барои аз кор озод намудан бо сархати ҳаждаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ шуда метавонад.

38. Агар кирдорҳои гунаҳгорона, ки асос барои гум шудани боварӣ гаштаанд ва рафтори бадахлоқонаи корманд дар ҷойи кор вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ содир шуда бошад он гоҳ, чунин корманд (мутобиқи сархатҳои ҳабдаҳум ва ҳаждаҳуми қ. 1 моддаи 42 КМ ҶТ) бо риояи тартиби татбиқи ҷазои интизомӣ, ки бо моддаи 63 КМ ҶТ муқаррар карда шудааст, аз кор озод карда мешавад.

39. Дар сурати пешниҳоди маълумоти нодуруст, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва риоя накардани дигар қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабул ба кор мумкин аст шартномаи меҳнатӣ дар асоси сархати нуздаҳуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ бекор карда шавад.

Ба чунин ҳолатҳо, аз ҷумла, дохил мешаванд:

- дар давоми муҳлати таъиннамудаи суд ба кор қабул намудани шахсе, ки бо ҳукми суд аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум карда шудаанд;

- ба кор қабул намудани шахсони ба ҷавобгарии моддӣ вобастабуда, ки қаблан барои тасарруф, порахурӣ ва дигар ҷиноятҳои ғаразнок суд шудаанд, агар доғи судӣ бардошта ё барҳам нахӯрда бошад;

- ба кор қабул кардани хизматчиёне, ки байни ҳамдигар хеш ё каси наздик мебошанд, агар хизмати онҳо ба тобеият ё зерназоратии бевоситаи яке аз онҳо ба дигараш алоқаманд бошад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда мавҷудияти хешутабории наздик ва каси наздик будан барои бастани шартномаи меҳнатӣ монеъ намешавад;

- ба кор қабул намудани ноболиғон ё занон ба корҳое ки истифодаи меҳнати онҳо дар ин корҳо бо қонунгузорӣ манъ карда шудааст.

Ҳангоми баррасии чунин баҳсҳо судҳо бояд муқаррар намоянд, ки зимни қабул намудан ба кор маҳз ба кадом вайронкунӣ роҳ дода шудааст ва оё он барои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ асос шуда метавонад.

Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки бо асосҳои зикршудабекор кардани шартномаи меҳнатӣ танҳо дар он ҳолат ҷоиз аст, ки агар вайрон намудани тартиб ва қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳангоми ба кор қабул кардани корманд роҳдодашударо бартараф кардан номумкин бошад ва он барои идома додани кор монеагӣ кунад.

40. Дар асоси сархати бистуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ шартномаи меҳнатӣ бинобар манфӣ будани натиҷаи кор дар давраи муҳлати санҷиш ҳангоми ба кор қабул намудан метавонад бекор карда шавад. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бо асосҳои мазкур кормандоне аз кор озод карда мешаванд, ки шартномаи меҳнатӣ бо онҳо бо санҷиши пешакӣ баста шудааст. Санҷиш бо созиши тарафҳо муқаррар гардида, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, наметавонад аз се моҳ бештар бошад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин қайд дар шартномаи меҳнатӣ, корманд ба кор бе санҷиши пешакӣ қабулшуда дониста мешавад.

Ҳангоми манфӣ будани натиҷаи кори корманд дар давраи санҷиш корфармо ҳуқуқ дорад на барвақтар аз ҳафт рӯзи ба охир расидани давраи санҷиш бо нишон додани сабабҳое, ки барои аз санҷиш нагузаштани корманд асос шудаанд, ӯро хаттӣ огоҳ намуда, шартномаи меҳнатиро бо корманд қатъ намояд.

41. Аз кор озод намудани корманд бо асосҳои зерин чораи ҷазои интизомӣ мебошад:

- бе сабабҳои узрнок уҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи корманд гузоштааст мунтазам иҷро накардани ӯ, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ шуда бошанд;

- бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан, аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3 соат набудан дар ҷойи кор;

- дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба дуздии молу мулк ва дигар кирдорҳое, ки давом додани корро истисно менамоянд;

- аз тарафи корманд содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионидошта, ки дар асоси санади судӣимконияти минбаъд давом додани корро истисно менамоянд;

- аз тарафи корманд давом додани иштирок дар корпартоӣ баъд аз ба маълумоти ӯ расонидани қарори суд дар хусуси ғайриқонунӣ эътироф намудани корпартоӣ ва ё манъи корпартоӣ;

- аз тарафи роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст;

- аз тарафи корманд вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ё бехатарӣ аз сӯхтор ва ё ҳаракат дар нақлиёт, ки боиси оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат ва садама гаштаанд ё метавонанд гарданд;

- аз тарафи корманд фош намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум шудаанд;

- вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони ӯ;

- аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои нисбат ба ӯ гум шудани боварии корфармо асос мегардад;

- аз ҷониби корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор мувофиқ намебошад.

Аз ин рӯ, корманд тибқи асосҳои зикршуда на дертар аз як моҳ аз рӯзи ошкор шудани кирдор ба истиснои

ҳолатҳои муваққатан корношоям будан, озод будани корманд аз кор дар вақти иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, дар рухсатӣ ё истироҳати байнивахтавӣ қарор доштан, дар сафари хизматӣ будан аз кор озод карда мешавад.

Ҷазои интизомӣ наметавонад пас аз шаш моҳи содир шудани кирдори интизомӣ татбиқ карда шавад. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муайян шудани кирдори интизомӣ дар натиҷаи санҷиш ё тафтиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагии корфармо дар давоми ду соли содиршавии кирдори интизомӣ аз ҷониби корманд ҷазои интизомӣ дода мешавад. Ба мӯҳлатҳои мазкур вақти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дохил намешавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи 323 КМ ҶТ ҷазои интизомӣ на дертар аз як моҳ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ дар бораи ғайриқонунӣ эътироф кардани корпартоӣ дода мешавад (моддаи 64 КМ ҶТ).

Уҳдадории исботи аз ҷониби корманд содир шудани кирдори интизомӣ ҳангоми интихоби намуди ҷазои интизомӣ ба эътибор гирифтани мазмун, хусусият ва дараҷаи вазнинии кирдори интизомии содиршуда, ҳолатҳои содир шудани он, рафтори пештара ва минбаъдаи корманд ва муносибати ӯ ба меҳнат ба зиммаи корфармо вогузор карда мешавад.

Агар суд ба хулоса ояд, ки кирдор воқеан ҷой дошту корфармо вазнинии кирдор, ҳолатҳои содир намудани он, рафтори пештараи корманд ва муносибати ӯро ба меҳнат ба эътибор нагирифта, шартномаи меҳнатиро бекор кардааст, ҳуқуқ дорад татбиқи ҷазои интизомиро, аз ҷумла, бекор намудани шартномаи меҳнатиро ғайриқонунӣ

ҳисобад ва даъворо дар бораи барқарор намудан дар ҷойи кор қонеъ намояд.

42. Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо баъд аз пешакӣ, на дертар аз ду ҳафта, огоҳ намудани иттифоқи касабаи дахлдор ё дигар намояндагони кормандон сурат мегирад. Кумитаи иттифоқи касабаи дахлдор ё дигар намояндагони кормандон бояд дар муҳлати даҳ рӯзи гирифтани пешниҳоди шахсе, ки ҳуқуқи бекор намудани шартномаи меҳнатиро дорад, ба корфармо дар бораи қарори қабулшуда доир ба додани розигӣ барои бо корманд қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ хабар диҳад.

Норозигии ин мақомот дар хусуси бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманд, асос барои қонеъ кардани даъво дар бораи ба кор барқарор кардан намегардад, вале суд метавонад ба он дар маҷмӯъ бо дигар далелҳои ҷамъовардашуда мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор диҳад.

43. Ҳангоми бе асосҳои қонунӣ қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ ё ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан, тағйир додани ҷойи кор, иваз кардани шароити меҳнат, аз кор дур кардан суд дар бораи ба кор барқарор кардани корманд қарор мебарорад.

44. Музди миёнаи меҳнат барои пардохти давраи ноилоҷ ба кор набаромадан бо Қоидаҳои ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кӯмакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқамананд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, № 313 тасдиқ шудаанд) муқаррар карда мешавад.

Бо ҳамин тартиб музди миёнаи меҳнат ҳангоми ситонидани маблағи пулӣ барои давраи ноилоҷ ҳозир нашудан ба кор, бо сабаби бо гуноҳи корфармо кашолкорӣ

намудан аз супоридани дафтарчаи меҳнатӣ (қисми 5 моддаи 52 КМ ҶТ), аз ҷониби корфармо ба таъхир андохтани иҷрои қарор дар бораи ба ҷойи кор барқарор кардан (қисми 3 моддаи 206 КМ ҶТ) муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, тибқи қонунгузории меҳнат корфармо уҳдадор аст ба корманд маоши нагирифта ва дигар пардохтҳоро дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан, роҳ надодан ба ҷойи кор, яктарафа тағйир додани шартҳои шартномаи меҳнатӣ, дур кардан аз кор ва беасос бекор кардани шартномаи меҳнатӣ ҷуброн намояд. Дар шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои корфармо дар мувофиқа бо намояндагони кормандон мумкин аст ҳолатҳои дигари аз ҷониби корфармо ҷуброни зараре, ки ба корманд дар натиҷаи ғайриқонунӣ аз имкониятҳои меҳнат кардан маҳрум намудани ӯ расонида шудааст, муқаррар карда шавад (моддаи 185 КМ ҶТ).

45. Ҳангоми баррасии масъалаи қабули аризаи аз даъво дар бораи барқарор кардан ба кор даст кашидани даъвогар, эътирофи даъво ва ё тасдиқи созиши оштии тарафҳо ба судҳо зарур аст, муайян намоянд, ки чунин амалҳо хилофи қонун намебошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор намесозад.

46. Ба судҳо тавсия дода шавад, ки ба пешгирӣ намудани вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормандон диққати махсус дода, нисбат ба ташкилотҳои дахлдор ва шахсони мансабдор, ки ба вайронкунии қонунгузории меҳнат роҳ додаанд, ба мақомоти ваколатдори назорат дар соҳаи меҳнат, яъне ба Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо баровардани таъинотҳои хусусӣ эътино намоянд.

Агар ҳангоми баррасии парванда суд дар амали

тарафҳо, дигар иштирокчиёни мурофиа, шахси мансабдор ё дигар шахс аломати ҷиноятро ошкор намояд маводи дахлдорро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд.

47. Бо қабул шудани қарори мазкур, қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004, таҳти № 5 «Дар бораи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузориҳое, ки бастан, тағйир додан ва қатъ кардани шартномаи меҳнатиро ба танзим медароранд» (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 19 марти соли 2009 №7 ва аз 23 ноябри соли 2012, №25 ворид карда шудаанд) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №2

**аз 12 ноябри соли 2021 ш. Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29 сентябри соли 2014, №6 (бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №38 ворид гардидааст)**

Бо мақсади таъмини таҷрибаи якхелаи судӣ ва мутобиқгардонии қарори Пленуми Суди Олӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29 сентябри соли 2014, №6 (бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №38 ворид гардидааст) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар банди 1:

- дар сархати дуюм баъди калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон», калимаҳои «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот

оид ба фаъолияти судҳо», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» илова карда шаванд;

- сархати чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ҳангоми дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо саҳеҳ будани иттилооти пешниҳодшаванда, риояи муҳлатҳо ва тартиби пешниҳоди он, аз иттилооти пешниҳодшаванда оид ба фаъолияти судҳо хориҷ намудани маълумоти дастрасиаш маҳдуд ва таъмини шароити моддию техникие, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот заруранд, талаботи асосӣ ба ҳисоб мераванд.».

2. Ба банди 2 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки маҳдудиятҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.».

3. Ба банди 3 сархатҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Воситаҳои ахбори омма ва журналистон ҳуқуқ надоранд дар ахборашон натиҷаи пешакии мурофиаи судии парвандаи мушаххасро, ки аз рӯи он санади судӣ эътибори қонунӣ пайдо накардааст, мавриди муҳокима қарор диҳанд.

Судя уҳдадор нест дар бораи моҳияти парвандаҳое, ки баррасӣ шудаанд ё мавриди баррасӣ қарор доранд, ба ягон мақомот ё шахси мансабдор баёнот, маълумот, ахборот диҳад, инчунин онҳоро барои шинос шудан дар ихтиёри касе гузорад, ба ғайр аз ҳолатҳо ва тартибе, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.».

4. Дар банди 4 сархати сеюм баъди калимаи «судӣ,» калимаҳои «баррасии парвандаҳо дар маҷлиси сайёри судӣ,» илова карда шаванд.

5. Дар банди 5:

- дар сархати якум ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Аз ҷумла, барои шахсони дорои имконияти маҳдуд муҳокимаи судӣ бояд дар толори маҷлиси судии барои онҳо дастрас ташкил карда шавад.»;

- сархати дуюм баъди калимаи «аккредитатсия» калимаҳои «(фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, аз ҷумла бо роҳи аккредитатсияи журналистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад)».

6. Сархати дуюми банди 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ба иттилооти дастрасиаш маҳдуд иттилооти дорои сирри давлатӣ (моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ»), ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, ки ба онҳо маълумоти шахсӣ, сирри тафтишот ва мурофиаи судӣ, сирри фарзандхондӣ (моддаи 139 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон), сирри тиббӣ (моддаи 49 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон), маълумот оид ба шахсоне, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» таҳти ҳимояи давлатӣ қарор мегиранд, мансуб мебошанд.».

7. Банди 24 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Судҳо мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» ба истифодабарандагон иттилооти зеринро пешниҳод менамоянд:

- иттилооти умумӣ дар бораи суд;

- бо баррасии парвандаҳо алоқаманд буда;

- оид ба омори судӣ;

- оид ба масъалаҳои кадрӣ;

- номгӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти судҳоро ба танзим медароранд.

Дар моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» номгӯи асосҳое, ки имконияти пешниҳод намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳоро истисно менамоянд, пешбинӣ шудаанд ва онҳо мукаммал мебошанд.

Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки агар иттилооти дархостшаванда дар воситаҳои ахбори омма ва ё дар сомонаи судҳо нашр шуда бошанд, судҳо ҳуқуқ доранд чунин иттилоотро пешниҳод накарда, дар ҷавоб ба дархост бо ҳавола намудан ба ном, санаи нашр ва рақами воситаҳои ахбори омма, ки дар он иттилооти дархостшуда нашр шудааст ё суроғаи сомона, ки дар он иттилооти мазкур ҷойгир карда шудааст, маҳдуд гарданд.

Матни санадҳои судӣ дар сомонаи судҳо бояд бо риояи талаботи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» ҷойгир карда шаванд.».

8. Банди 25 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, электронӣ ва шаклҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, пешниҳод карда мешавад.

Истифодабарандаи иттилоот ҳуқуқ дорад ба суд бо дархост бевосита ё ба воситаи намояндааш, ки ваколатҳои ӯ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудаанд, барои гирифтани иттилоот муроҷиат намояд. Дар дархост суроғаи почтавӣ, рақами телефон ва ё факс ё ин ки суроғаи электронӣ барои ирсол намудани ҷавоб ба дархост, инчунин насаб, ном ва номи падари дархосткунанда нишон дода мешаванд.

Дархости хаттӣ аз тарафи дархосткунанда ё намояндаи ӯ имзо карда мешавад.

Аз рӯи дархости шифоҳӣ метавонад иттилооте пешниҳод карда шавад, ки он ҷустуҷӯ ва санҷиши махсусро талаб намекунад, масалан, дар бораи вақт ва ҷойи баргузории маҷлиси судӣ, натиҷаи баррасии парванда.

Аз роҳ надодан барои дастрас кардани иттилооти ошкоро ё аз дидаву дониста пешкаш намудани иттилооти бардурӯғ (нодуруст) ба суд шикоят кардан мумкин аст. Дар ҳар ҳолат шахсоне, ки онҳоро аз дастрас намудани иттилоот маҳрум гардонидаанд ва шахсоне, ки иттилооти бардурӯғ гирифтаанд, ба ҷуброни зиён ҳуқуқ доранд.».

9. Дар банди 26 ҷумлаи дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дархост дар судҳо бо тартиб ва муҳлатҳои муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» баррасӣ карда мешавад. Ҷавоб ба дархост бояд иттилооти дархостшуда ё ҷавоби асосноки рад намудани пешниҳоди чунин иттилоотро дар бар гирад.».

10. Банди 28 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Бо мақсади шинос шудани истифодабарандагон бо иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар бинои судҳо овезаҳои иттилоотӣ ва ё воситаҳои техникии таъиноташон шабеҳ ҷойгир карда мешаванд, ки дар онҳо маълумоти дар моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» пешбинишуда ҷойгир карда мешаванд. Овезаҳои зикршуда бояд дар ҷойҳои ба муроҷиаткунандагон, аз ҷумла ба шахсони дорои имконияти маҳдуд дастрас ҷойгир карда шаванд.».

11. Дар банди 29:

- калимаҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» ба калимаҳои «қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба

иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» ва «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» иваз карда шаванд.

Сархатҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Бо мақсади саривақт ба аҳли ҷомеа дастрас намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо намояндагони расмии судҳо бо воситаҳои ахбори омма ҳамкорӣ менамоянд. Намояндаи расмии судҳо раиси суд ё шахсе мебошад, ки аз ҷониби раиси суд барои амалӣ намудани чунин ҳамкорӣ ваколатдор карда шудааст.

Шаклҳои ҳамкории судҳо бо воситаҳои ахбори омма дар моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» пешбинӣ шудаанд. Намояндагони расмӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки ин номгӯи шаклҳои ҳамкорӣ мукаммал нестанд. Аз ҷумла, ба ҳамкории судҳо бо воситаҳои ахбори омма, ки иттилоотонии истифодабарандагонро таъмин менамоянд, шаклҳои зерин мансубанд:

- огоҳонидани намояндагони воситаҳои ахбори омма оид ба рӯзи таъин гардидани мурофиаҳои судие, ки аҳамияти ҷамъиятӣ доранд;

- дар воситаҳои ахбори омма нашр намудан ё бо шакли дигар паҳн намудани иттилоот оид ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамудаи парвандаҳое, ки боиси таваҷҷуҳи ҷомеа гардиданд.».

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**ҚАРОРИ
ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН
№3**

**аз 12 ноябри соли 2021 ш. Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Раҳматуллозода Бахтулло Сунатулло аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Раҳматуллозода Бахтулло Сунатулло бинобар бозхонд намудан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум
Судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№4**

**аз 12 ноябри соли 2021** **ш. Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Додихудозода Давлатмо Бахтибек аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Додихудозода Давлатмо Бахтибек бинобар бозхонд намудан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №5

**аз 12 ноябри соли 2021 ш. Душанбе**

## Дар бораи хориҷ намудани Раҳматуллозода Бахтулло Сунатулло аз ҳайати Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Раҳматуллозода Бахтулло Сунатулло бинобар бозхонд намудан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз ҳайати Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№6**

**аз 12 ноябри соли 2021 ш. Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Ализода Шодмон Шамс ба ҳайати Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ализода Шодмон Шамс ба ҳайати Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Холова Басбӣ Мирзоевна,**
**Мушовири калони**
**Ассотсиатсияи судяҳои**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**



## НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ПРИНСИПИ МУСТАҚИЛИЯТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тамоми мардуми тоҷик имсол 27-солагии қабули онро ҷашн мегиранд, пояи мустаҳками ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон буда, тақсимоти ҳокимияти давлатиро ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ эълон намуд. Дар таърихи давлатдории тоҷикон аввалин маротиба мустақилияти ҳокимияти судӣ ҳамчун як шохаи давлатдории демократӣ дар сатҳи қонуни асосии мамлакат эътироф карда шуд.

Дар Конститутсия масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мавқеи муҳимро ишғол намуда, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эътироф гардиданд. Муқаррар карда шуд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегардад.

Боби 8 Конститутсия ба танзими ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақили ҳокимияти давлатӣ бахшида шуда, дар он принсипҳои асосии фаъолият ва

низоми сохтори судӣ, вазифа, мақсадҳои амалӣ намудани адолати судӣ ва ваколати судяҳо муқаррар карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ нақши асосӣ дорад. Дар ҳамин радиф ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ гардида, аз ҷиҳати тарзи ташкилию сифатӣ ва миқдори ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ инкишоф ёфтанд.

Принсипи конститутсионии мустақилияти судяҳо, яке аз талаботи асосии давлати ҳуқуқбунёд буда, барои таъмини фаъолияти суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки дар асоси Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда таъсис ёфтаст, равона гардидааст.

Ин талаботи Конститутсия дар қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври пурра такмил дода шуда, таъкид гардидаст, ки ҳокимияти судӣ мустақил буда, судҳо танҳо ба Конститутсия ва қонунҳо итоат намуда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ карда мешаванд.

Принсипи мустақилияти ҳокимияти судӣ аз ҳуҷҷатҳои Конгресси YII Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба пешгирии ҷиноят ва мубориза ба муқобили ҳуқуқвайронкунӣ сарчашма гирифта, онро Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид соли 1985 маъқул шуморидааст.

Меъёрҳои мазкур ба «Қоидаҳои таъсирноки баамалбарории Принсипҳои асосии мустақилияти судҳо», ки онро соли 1990 Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид қабул намудааст, мувофиқат намуда, мақомоти давлатӣ ва дигар муассисаҳоро вазифадор

менамоянд, ки мустақилияти ҳокимияти судиро қатъиян риоя намоянд.

Мустақилияти судя, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат намудани ӯ – асоси ибтидоии мақоми ин шахси мансабдор ба шумор меравад, зеро бе мустақилият баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби судя ғайриимкон мебошад.

Тибқи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустақилияти судя бо тибқи қонун интихоб, таъин, озод ва бозхонд шудан, дахлнопазирии судя, ба амал баровардани адолати судӣ тибқи тартиби муқарраркардаи қонун, махфияти машварати судяҳо ҳангоми баровардани санадҳои судӣ, манъи ҳама гуна дахолат ба фаъолият дар ба амалбарории адолати судӣ таҳти таҳдиди ҷавобгарӣ, ҷавобгарӣ барои эҳтиром накардани суд, судя, муҳайё намудани шароити ташкилию техникӣ барои фаъолияти судҳо, ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои ҳамаи мақомоту шаҳрвандон ва ғайра таъмин мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нақши мақомоти судӣ ҷиҳати таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, 14 апрели соли 1997 Фармон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба имзо расониданд.

Дар ин замина бо мақсади такмили низоми судӣ - ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани нақши ҳокимияти судӣ дар мамлакат муҳлати ваколати судяҳо, ки 5 сол буд, 10 сол муқаррар карда шуд.

Баҳри ташаккули принципи мустақилияти судҳо Президенти мамлакат дар паёмҳояшон аз 20 апрели соли

2006 ва 24 апрели соли 2010 ба Маҷлиси Олӣ зарурияти гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро таъкид намуданд, ки то ба имрӯз чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ ва дар амал татбиқ гардиданд.

Дар ин самт давлату Ҳукумат баҳри таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ корҳои муайянеро, аз ҷумла, марҳила ба марҳила такмил додани қонунгузорӣ, зиёд намудани воҳидҳои вазифаи судя ва кормандони дастгоҳҳои судҳо, ҳамасола пешбинӣ намудани афзоиши маблағгузории буҷаи мақомоти судӣ, таъмини судҳо бо биною таҷҳизотҳои муосир, пайвастшавӣ бо интернету кушодани сайти судҳо, мунтазам дар Маркази таълимии судяҳо бо Барномаҳои гуногуни омӯзишӣ фаро гирифтани судяҳо, ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии судяҳо дар судҳои болоӣ ва дигар корҳо анҷом дода шуда истодаанд.

Мавриди қайд аст, ки тадбирандешӣ дар ин самт идома дошта, омилҳои мазкур барои таъмини мустақилияти судҳо равона карда шуда, бобати баррасии саривақтии парвандаҳо, қабули санадҳои судии қонунӣ ва асоснок мусоидат карда истодаанд. Таҳлили мунтазами фаъолияти соҳа, ки тавассути сайтҳо, нишастҳои матбуотӣ бо воситаҳои ахбори омма пешниҳоди ҷомеа мегарданд, гуфтаҳои болоро тасдиқ менамояд.

Судяҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон дар ҳама вазъият шаъну шарафи худро нигоҳ дошта, ваколатҳояшонро бо маҳорати касбӣ анҷом диҳанд.

Таҳлилҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баробари зиёдшавии сарбории судяҳо, сифати санадҳои судӣ беҳтар шуда истода, бекоршавии онҳо дар муқоиса ба солҳои пешин кам шуда, тамоили пастравиро дорад.

Имрӯз талаби давру замон аст, ки маърифати баланди ахлоқӣ ва дараҷаи касбию зеҳнӣ, дониши амиқи ҳуқуқӣ,

одоби муоширати касбии судягӣ, адлу инсоф, беғаразӣ, адолатнокию поквиҷдонӣ бояд меъёри асосии муайянкунандаи шахсият ва фаъолияти ҳар як судя бошад.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар оянда низ судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ бахри таҳкими ҳокимияти судӣ, қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини сифатнок амалӣ намудани адолати судӣ хизматҳои беандоза хоҳанд кард.

**Сухроб Рушанзода,**
**Раиси Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**



# ЭЪТИБОРИ ҲУҚУҚӢ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Ҳақиқати таърихист, ки баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварамон ҳодисаҳои нангин рӯй доданд. Гурӯҳбозӣ ва майдоннишинӣ оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Дар натиҷаи ноормиҳо ва ҷангҳои мусаллаҳона зиндагии осоиштаи мардум халалдор гардид, ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зарари калон расонида шуд. Мутахассисони варзида тарки Ватан намуданд. Дар фазои ноормӣ садҳо ҳазор нафар ҳамватанони мо дар натиҷаи задухӯрдҳои мусаллаҳона ҳалок гардиданд.

Даҳшати ҷанг боис шуд, ки ҳокимияти амалкунандаи давлатӣ натавонист вазифаҳои идоракунӣ ва назорати худро дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният ба иҷро расонад. Аз ин ҷиҳат дар он солҳо ҳодисаи қатлу куштор, таҳдид ба ҳаёти инсон, беқонунӣ доман паҳн намуда, фазои беҳуқуқӣ пойдор гардид. Мақомотҳои фалаҷгаштаи давлати имкони таъмин,

риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро надоштанд. Он солҳои мудҳиш дар оғози истиқлолият як марҳилаи нангинро дар таърихи миллати мо сабт намуд, ки бояд насли имрӯзу фардо аз он ба хотири таҳкими пояҳои истиқлолияти миллӣ ва фароҳам сохтани шароити зиндагии шарафмандона сабақ гиранд ва ҳеҷ гоҳ нагузоранд чунин хатои бузургу нобахшиданӣ такрор ёбад.

Хушбахтона, ақли солим ва нияти сулҳҷӯёна дастболо шуду дар Иҷлосияи таърихии XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати конститутсионӣ таъсис ёфт ва фарзанди барӯманди миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарвари давлати миллии тоҷикон интихоб шуданд. Дар ҳамон иҷлосияи тақдирсоз ва таърихӣ азми қатъӣ ва собитқадамонаи сарвари давлат эълон гардид, ки тамоми кӯшишу талоши хешро ба харҷ хоҳанд дод, то ҷанги шаҳрвандӣ ҳарчӣ зудтар хотима ёбад, мардуми фирорӣ то охирин нафар ба Ватан бозгарданд, иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва сохторҳои давлатии фалаҷгардида эҳё шаванд.

Қонуну дигар санадҳои ҳуқуқие, ки зимни ин иҷлосия ба тасвиб расиданд, тавонистанд умеди сартосариро ба зиндагии оянда мустаҳкам созанд. Роҳбарияти тозаинтихоб ба кор шурӯъ намуда, тадриҷан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои интихомию қудратӣ ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, эҷоди фазои суботу осоиштагӣ камар бастанд.

Зимни кори иҷлосия дар баробари интихоби роҳбарияти нави сиёсии кишвар, тасдиқи Парчам ва Нишони миллӣ, қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир намуданд», қабули Кодекси гумрук ва ғайра сурат гирифт.

Ба вазорату кумитаҳо ва дигар идораҳои давлатӣ дар рафти кори иҷлосияи мазкур супориш дода шуд, то вазифаҳои дар наздашон бударо ба тариқи бояду шояд иҷро намоянд. Ҳамчунин бо назардошти сохтори нави маъмурию ҳуқуқии кишвар мақомоти нави давлатӣ таъсис ёфтанд. Дар ҷодаи қонунгузорӣ қадамҳои аввалин, вале устувор баҳри эҷоду қабули заминаҳои қонуниву ҳуқуқии пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар ҷумҳурӣ асос гузошта шуд. Як фазои ҳуқуқӣ ва муҳити созгори сиёсию дастгоҳи идоракунии давлатӣ шакл гирифт, ки тавонист заминасози ислоҳи вазъ ва беҳбуд бахшидани авзои соҳаҳои гуногун, инчунин бартараф сохтани мушкилоти доғ гардад.

Дар он вазъияти ноорому барои ҷумҳурӣ ҳассос ба ғайр аз анҷом додани фаъолиятҳои хоси касбиву тахассусӣ дар назди бархе аз вазорату кумитаҳо аз ҷониби роҳбарияти давлат дигар вазифагузориҳои муҳим низ сурат гирифтанд, ки аз чигунагии иҷрои онҳо таъмини амнияти ҷомеа, фароҳам сохтани шароити созгори зиндагии мардуми оддӣ ва нигоҳдории набзи мӯътадили кори хадамоти иҷтимоӣ вобастагии зиёд дошт.

Пас аз то андозае мӯътадил шудани авзои сиёсӣ ва амнияти ҳукумати конститутсионӣ ба анҷом додани он

корҳое даст зад, ки бояд барвақт анҷом дода мешуд. Аз ҷумлаи ин иқдомҳои муҳим ва сарнавиштсоз таҳия ва тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул намудани нахустин конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад. Маҳз конститутсия, ки қувваи олии қонунӣ дорад, асосҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, тартиби фаъолияти мақомоти салоҳиятдорӣ давлатӣ дар соҳаи таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, аз қабили суду прокуратураро мушаххас сохт.

Расидан ба сулҳи ниҳоӣ ва наздик овардани рӯзи ваҳдат аз баргузории ҳамин иҷлосияи таърихӣ ибтидо гирифт. Дар ин роҳ монеагузориҳо ва нофаҳмиҳо зиёд буданд. Аммо чун роҳбарияти давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ дар азми худ қотеъона амал мекарданду мақсади аслиашон ризоияти миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа буд, дар охир ҳуҷҷати ниҳоӣ ба имзо расид, ки ба навъи худ падидаи муҳим ва оғобахши марҳилаи нави таърихи сиёсии даврони мустақилияти миллӣ гардид.

Зеро ҳанӯз баъди дар иҷлосияи тақдирсози XVI – ум ба мақоми раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудан сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон баҳри барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, эътидоли авзоъ ва таҳкими назму субот тавассути таҳкими волоияти қонун, бозгашти гурезаҳо ва ташаккули фазои эътимоду ризоияти миллӣ иродаи устувори сиёсӣ нишон дода, барои расидан ба ин ҳадафҳои пешгузоштаи худ сиёсати пайгиронаи сулҳ ва оштии миллиро бо ҷалби ҳамаи ҷонибҳои низоъи дохилӣ пеш гирифт, ки дар ниҳоят

ба имзои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, яъне ваҳдати сартосарии миллӣ анҷомид.

Аз иҷлосияи XVI – ум шуруъ намуда, бо таваҷҷуҳи асосӣ ва диққати махсуси Пешвои миллат дар кишварамон бо таҳияву мавриди амал қарор додани санадҳои қонунии ҷавобгӯи эҳтиёҷи замон ва фароҳамоварандаи заминаҳои инкишофу тараққиёти соҳаҳои гуногун таҳкурсии боэътимоди ҳуқуқӣ асос гузошта шуда, сол то сол торафт собиту маҳкамтар мегардад.

Чунки Пешвои миллат ҳамчун роҳбари закиву дурнигар ҳанӯз дар солҳои вазнини ошӯбҳои мусаллаҳонаи дохилӣ дарк намуда буданд, ки танҳо ҳарфу меъёри қонун ҷомеаро аз бенизомӣ ба низом ва аз вартаи нобудӣ ба арсаи бақову пойдорӣ оварда мерасонад. Гувоҳи равшани ин сухан ҳамон иҷлосияи такдирсози XVI – уми Шӯрои Олии ҷумҳурист, ки аз нигоҳи қабули қонунҳои барои он замон зарурӣ ва саривақтӣ басо пурбор буд ва метавон гуфт нахустин талошу саҳмгузории шоиста буд дар масири поягузорӣ ва ташаккули минбаъдаи фазои ҳуқуқии даврони истиқлолияти давлатии ҷумҳуриамон ва санги асос гузоштан ба бунёди кохи муҳташами низоми қонунгузорӣ ва қонунэҷодкунии миллӣ.

Саҳмгузориҳои намоёни таърихӣ ва заҳматҳои шоёну фидокорона ва бузурги Пешвои муаззами миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама арсаҳои ҳаёти ҷомеа намоён ва назаррас буда, далели ин гуфтаҳои моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» мебошад, ки дар он чунин зикр шудааст: «Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.»

Агар дар иҷлосияи қисматсози XVI – уми Шӯрои Олӣ сохти давлатдорӣ, бунёди ҷомеаи озод, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян гардида бошанд, бо қабули конститутсия баҳри ташаккули низоми нави қонунгузории мамлакати соҳибистиқлоламон заминасозӣ гардид, ки ин ҳама низ аз самараи талошу шоҳкории истиқлолсозона ва истиқлолхоҳонаи Пешвои муаззами миллат мебошад.

Нақши сиёсӣ, эътибори ҳуқуқӣ ва аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI –уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело намоён ва барҷаста мебошад. Бо назардошти ин, Пешвои миллат зимни баргузории маҷлиси тантанавӣ ба муносибати таҷлил аз 20 – солагии иҷлосияи тақдирсози XVI – ум чунин таъкид доштанд:

«Дар таърихи ҳар миллат рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда доранд. Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи ҳамин гуна рӯйдодҳои сарнавиштсоз аст, ки барои раҳоии давлати нав баистиқлолрасидаи мо аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овард.»

Бо ҳисси сарфарозӣ ва ифтихормандӣ бояд бигӯем, ки марҳалаи нави эҳёи миллати тоҷик аз ҳамин иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ҳамчун муҳимтарин зуҳуроти тақдирсоз оғоз ёфта, ҳамаи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ аз поён додани ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба Ваҳдати миллӣ, бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд, тантанаи адолату қонуният, арзиши олӣ эътироф намудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, тадбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, то боло рафтани эътибори байналмилалии Тоҷикистон, пойдории фазои суботу ризоияти миллӣ ва таъмини зиндагии шарофатмандонаи аҳолӣ ҳамагӣ аз самараи баргузории ин иҷлосияи таърихӣ ба шумор меравад.

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 4, 2021

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Ғафурзода Фарзона Амирҷон

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 x84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «Нашрияи Нур» чоп шудааст.